ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ
ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ
АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ
ТОҶИКИСТОН

ТҶ "ИТТИҲОДИЯИ
МИЛЛИИ МАЪЮБОНИ
ТОҶИКИСТОН"

# МАҶМӮАИ
## САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚӢ ОИД БА ХИЗМАТРАСОНИИ ТИББИИ РОЙГОН БАРОИ ШАХСОНИ МАЪЮБ ДАР МУАССИСАҲОИ СИСТЕМАИ ДАВЛАТИИ ТАНДУРУСТӢ

Душанбе – 2018

# САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚӢ ОИД БА ХИЗМАТРАСОНИИ ТИББИИ РОЙГОН БАРОИ ШАХСОНИ МАЪЮБ ДАР МУАССИСАҲОИ СИСТЕМАИ ДАВЛАТИИ ТАНДУРУСТӢ

**Душанбе - 2018**

УДК ISBN 978-99975-309-1-1-2

Аз замони ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаҳои таъмини ҳуқуқҳои иҷтимоии шаҳрвандон, ки дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври мушаххас инъикос ёфтаанд, хусусан ба таъминоти дастрасии маъюбон ба хизматрасониҳои тиббӣ ва иҷтимоӣ аҳамияти аввалиндараҷа дода мешаванд.

Яке аз дастовардҳои муҳими соҳа дар даврони Истиқлолият – ин ташаккули пойгоҳи ҳуқуқии соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ буда, дар ин замина маҷмӯи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҳия ва ба тасвиб расидаанд. Вобаста ба хизматрасонии тиббӣ ва ҳифзи саломатии шахсони дорои маъюбият низ як қатор санадҳо таҳия, қабул ва мавриди истифода дода шудаанд, ки барои таъминоти хизматрасонии тиббии онҳо мусоидат менамоянд.

Гирд овардан ва дар шакли китобча нашр намудани Маҷмӯаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба хизматрасонии тиббии ройгон барои шахсони маъюб дар муассисаҳои давлатии тандурустӣ пеш аз ҳама барои ташаккулёбии дониши ҳуқуқӣ ва тахассусии кормандони соҳа, ки барои фаъолияти ихтисосмандонаи онҳо шарти зарурӣ ба ҳисоб меравад, инчунин иттилоотонии маъюбон ва аъзои оилаи онҳо оид ба тартиби расонидани кумакҳои тиббии ройгон ва имтиёзнок аҳамияти хоса дорад.

Маҷмӯаи мазкур аз иқтибосҳои дахлдор аз қонунҳои соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ иборат буда, барои кормандони муассисаҳои давлатии тандурустӣ, кормандони хадамоти иҷтимоӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, маъюбон ва аъзои оилаи онҳо, ва умуман барои оммаи васеи хонандагон пешбинӣ гардидааст.

**Мураттиб ва таҳиякунандагон:**

**Қурбонов Қ. Б. – сардори Раёсати ҳифзи иҷтимоии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон,**

**Зикрихудоев А. – раиси Иттиҳодияи миллии маъюбони Тоҷикистон**

Нашри мазкур дар доираи лоиҳаи “Дастрас намудани маълумоти дақиқ оид ба хизматрасонии тиббии ройгон ба шахсони дорои маъюбият” бо дастгирии молиявии Шуъбаи Ташкилоти Байналмиллалии Институти “Ҷамъияти Кушода” – Бунёди мадад дар Тоҷикистон, иҷро шудааст.

Ақидаи муаллифони нашр ва мундариҷаи ин маводҳо метавонанд бо ақида ва мулоҳизаҳои Шуъбаи Ташкилоти Байналмиллалии Институти “Ҷамъияти Кушода” – Бунёди мадад дар Тоҷикистон мувофиқат накунанд.

# МУНДАРИЧА

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (иқтибос) ................................ 6

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон
«Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон» …............................................ 7

Кодекси тандурустии Ҷуҳурии Тоҷикистон (иқтибос) .......................10

Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз
2 декабри соли 2008, №600 ...................................................................12

Тартиби хизматрасонии тиббию санитарӣ ба шаҳрвандони
Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муасиссаҳои давлатии тандурустӣ .........14

Фармоиши муштараки Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии
аҳолӣ ва Вазорити молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз
5 ноябри соли 2014 ...............................................................................23

Қоидаҳои таъмин намудани маъюбон ба табобати санаторию

курортӣ ...................................................................................................53

Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 2 октябри соли 2012, №543 ..............................................................59

# КОНСТИТУТСИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 6 ноябри соли 1994**
**(иқтибос)**

**Моддаи 1.**

Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона мебошад.

Шакли идораи Ҷумҳурии Тоҷикистон президентӣ мебошад.

Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ буда, барои ҳар як инсон шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро фароҳам меорад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Тоҷикистон ҳаммаъноянд.

**Моддаи 34.**

Модару кӯдак таҳти ҳимоя ва ғамхории махсуси давлатанд.

Падару модар барои тарбияи фарзандон ва фарзандони болиғу қобили меҳнат барои нигоҳубин ва таъминоти иҷтимоии падару модар масъул мебошанд.

Давлат барои ҳифзи кӯдакони ятим, маъюб ва таълиму тарбияи онҳо ғамхорӣ менамояд.

**Моддаи 38.**

Ҳар шахс ҳуқуқи ҳифзи саломатӣ дорад. Шахс дар доираи муқаррарнамудаи қонун аз ёрии тиббии ройгон дар муассисаҳои нигаҳдории тандурустии давлатӣ истифода менамояд. Давлат барои солимгардонии муҳити зист, инкишофи оммавии варзиш, тарбияи ҷисмонӣ ва туризм тадбирҳо меандешад.

Шаклҳои дигари ёрии тиббиро қонун муайян мекунад.

**Моддаи 39.**

Ҳар шахс дар пиронсолӣ, ҳангоми беморӣ, маъюбӣ, гум кардани қобилияти кор, маҳрум шудан аз сарпараст ва мавридҳои дигаре, ки қонун муайян кардааст, кафолати таъмини иҷтимоӣ дорад.

# ҚОНУНИ
# ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
# ДАР БОРАИ ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ МАЪЮБОН
**(иқтибос)**

Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва ташкилии таъминоти ҳифзи иҷтимоии маъюбонро муайян намуда, ба онҳо имконияти баробари зиндагӣ ва ҳамгирой бо ҷомеаро фароҳам меорад.

## БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

### Моддаи 1. Мафҳумҳои асосӣ

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода бурда мешаванд:

- маъюб - шахсест, ки дар натиҷаи нуқсёбии саломатӣ бо коҳиши устувори вазифаҳои организм аз беморӣ, ҷароҳат, иллати ҷисмонӣ ва ақлонӣ боиси маҳдуд шудани фаъолияти ҳаётӣ гардидааст ва ба ҳифзи иҷтимоӣ ниёз дорад;

- кӯдаки маъюб - шахси маъюби то синни 18 - сола;

- маҳдудияти фаъолияти ҳаётӣ - пурра ё қисман гум шудани қобилият ё имконияти шахс ба худхизматрасонӣ, мустақилона ҳаракат ва муомила кардан, сарфаҳӣ рафтан, рафтори худро назорат намудан, таълим гирифтан ва ба фаъолияти меҳнатӣ машғул шудан;

- маъюбӣ - дараҷаи маҳдудияти фаъолияти ҳаётии инсон дар натиҷаи нуқсёбии саломатӣ бо коҳиши устувори вазифаҳои организм;

- ташхиси тиббию иҷтимоӣ - бо тартиби муқарраргардида муайян намудани эҳтиёҷоти шахси ташхисшаванда ба тадбирҳои ҳифзи иҷтимоӣ, аз ҷумла ба тавонбахшӣ дар асоси арзёбии маҳдудияти фаъолияти ҳаётӣ, ки дар натиҷаи коҳиши устувори вазифаҳои организм ба вуҷуд омадааст;

- тавонбахшии маъюбон - низом ва раванди пурра ё қисман барқарорсозии қобилияти маъюбон ба фаъолияти маишӣ, ҷамъиятӣ ва касбӣ бо мақсади мутобиқати иҷтимоии маъюбон, ба даст овардани мустақилияти моддӣ ва ҳамгироии иҷтимоии онҳо бо ҷомеа;

- барномаи инфиродии тавонбахшии маъюб - маҷмӯи чорабиниҳои барои тавонбахшии маъюб самарабахш, ки аз шаклу намудҳои алоҳида, ҳаҷм, мӯҳлат ва тартиби амалишавандаи тадбирҳои тиббӣ, касбӣ ва дигар чораҳои тавонбахшӣ иборатанд ва ба барқарорсозӣ, ҷуброни қобилияти маъюб барои иҷрои намудҳои муайяни фаъолият равона карда шудааст;

- ҷойҳои махсуси корӣ барои бо кор таъминкунии маъюбон - ҷойҳои корие, ки бо назардошти имконияти фардии маъюбон таҷҳизонида шудаанд;

- ҳифзи иҷтимоии маъюбон - низоми тадбирҳои аз ҷониби давлат кафолатдодашудаи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ, ки ба маъюбон ҷиҳати бартарафсозӣ ё ҷуброни маҳдудияти фаъолияти ҳаётӣ шароит муҳайё менамояд ва ба фароҳам овардани имконияти баробари иштироки онҳо бо дигар шаҳрвандон дар ҳаёти ҷомеа равона карда шудааст.

**Моддаи 2. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон**

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, иборат мебошад.

**Моддаи 6. Салоҳияти мақомоти ваколатдори давлатии соҳаи тандурустӣ оид ба ҳифзи иҷтимоии маъюбон**

Ба салоҳияти мақомоти ваколатдори давлатии соҳаи тандурустӣ оид ба ҳифзи иҷтимоии маъюбон дохил мешаванд:

- андешидани тадбирҳо дар самти ташаккули тарзи ҳаёти солим ва пешгирии маъюбӣ;

- муайян кардани намунаи роҳхати гузаштан аз ташхиси тиббию иҷтимоӣ, муоина (ташхис) ва табобати маъюбон;

- амалӣ намудани тавонбахшии тиббии маъюбон тибқи барномаҳои инфиродии тавонбахшии маъюбон;

- таъмини омӯзиши касбӣ ва бозомӯзии мутахассисони соҳаи ташхиси тиббию иҷтимоӣ;

- муайян кардани рӯйхати доруворӣ, маҳсулоти барои нигоҳубини маъюбон аҳамияти тиббидошта, инчунин озуқаворӣи ғизои солим барои кӯдакони маъюб.

**Моддаи 15. Ёрии тиббӣ ба маъюбон**

Ба маъюбон дар муассисаҳои давлатии тиббию иҷтимоӣ ба таври ройгон ё имтиёзнок бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ёрии тиббӣ расонида мешавад.

**Моддаи 16.Табобати санаторию курортии маъюбон**

1. Маъюбон дар асоси хулосаи ташхиси тиббию иҷтимоӣ ба табобати ройгон ва ё имтиёзноки санаторию курортӣ, бенавбат гирифтани роҳхат ва рафтуомади ройгон ба маҳалли табобат бо тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ доранд.

2. Ба маъюбоне, ки кор намекунанд, аз ҷумла ба маъюбони дар муассисаҳои будубоши доимӣ (статсионарӣ) истиқоматдошта, барои табобати санаторию курортӣ аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатии соҳаи ҳифзи иҷтимоии маъюбон ё аз ҷониби ташкилотҳое, ки ба онҳо зарари расонидаро талофӣ мекунанд, роҳхати ройгон дода мешавад.

3. Маъюбоне, ки кор мекунанд, ҳуқуқ доранд роҳхати табобати санаторию курортиро аз ҷои корашон ройгон ё бо пардохти 50 фоизи арзиши он гиранд.

*ш. Душанбе*
*29 декабри соли 2010, № 675*

# КОДЕКСИ ТАНДУРУСТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

(иқтибос)

Кодекси мазкур муносибатҳои ҷамъиятиро дар соҳаи тандурустӣ ба танзим даровардa, ба татбиқи ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандон ва ҳифзи саломатӣ равона карда шудааст.

**Моддаи 36. Ҳуқуқи шаҳрвандон ба ҳифзи саломатӣ, таъмини иҷтимоӣ ҳангоми беморӣ, маъюбӣ ва гум кардани қобилияти корӣ**

1. Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ ба ҳифзи саломатӣ доранд. Ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташкилотҳои низоми давлатии тандурустӣ бо тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон кумаки тиббию санитарии ройгон расонида мешавад. Дар дигар ҳолатҳо ба шаҳрвандон кумаки тиббию санитарӣ дар ташкилотҳои низоми давлатии тандурустӣ бо тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби маблағи шахсони воқеӣ ва ё ҳуқуқӣ расонида мешавад.
2. Шаҳрвандон ба интихоби озоди муассисаи тиббӣ ва табиб ҳуқуқ доранд.
3. Шаҳрвандон бо кумаки таъҷилии тиббӣ дар ташкилоти тандурустии наздиктарин, новобаста аз шакли моликият, мутобиқи талаботи Кодекси мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин карда мешаванд.
4. Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми беморӣ, маъюбӣ, гум кардани қобилияти корӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таъминоти иҷтимоӣ ҳуқуқ доранд.

**Моддаи 38. Ҳуқуқи шаҳрвандон ба табобати истироҳатгоҳию курортӣ ва истифода бурдани муассисаҳои солимгардонӣ**

1. Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба истифода бурдани муассисаҳои истироҳатгоҳию курортӣ, хонаҳои истироҳат, муассисаҳои табобатӣ ва пешгирии беморӣ, осоишгоҳҳо, иншооти варзишӣ ва дигар муассисаҳои солимгардонӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ доранд.

2. Тартиби интихоби тиббӣ ва равон кардани беморонро ба табобати истироҳатгоҳию курортӣ мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ муқаррар менамояд.

**Моддаи 41. Ҳуқуқи шаҳрвандон ба таъмини доруворӣ, кумаки ортопедӣ ва протезӣ**

1. Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таъмини доруворӣ, кумаки ортопедӣ ва протезӣ ҳуқуқ доранд.

2. Гурӯҳи шахсонеро, ки ба таъминоти имтиёзноки доруворӣ, кумаки ортопедӣ ва протезӣ, маснуоти имдодӣ, асбобҳои шунавоӣ, воситаҳои варзишии табобатӣ ва махсуси ҳаракаткунӣ ҳуқуқ доранд, инчунин шарту шароит ва тартиби таъминоти онҳоро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд.

*ш. Душанбе*
*30 майи соли 2017, № 1413*

**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**ҚАРОР**

аз 2 декабри соли 2008 № 600 ш. Душанбе

Дар бораи Тартиби хизматрасонии тиббию санитарӣ ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои системаи давлатии тандурустӣ.

Мутобиқи моддаи 51 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи саломатии аҳолӣ» Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Тасдиқ карда шаванд:

Тартиби хизматрасонии тиббию санитарӣ ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои системаи давлатии тандурустӣ;

Номгӯи хизматрасониҳои тиббию санитарии ройгон ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои системаи давлатии тандурустӣ.

2. Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқи тадриҷии Тартиби хизматрасонии тиббию санитарӣ ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои системаи давлатии тандурустӣ, дар марҳилаи аввал дар бахшҳои ёрирасон, барқарорсозӣ ва хизматрасонии тиббии гаронарзиш таъмин намояд.

3. Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷоя бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Номгӯи гурӯҳҳои аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки мутобиқи мақоми иҷтимоӣ ва нишондодҳои тиббӣ ба хизматрасонии тиббии ройгон ҳуқуқ доранд, таҳия ва тасдиқ намояд.

4. Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷоя бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Қоидаҳои ҳампардохти хизматрасонии тиббию санитарӣ ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои системаи

давлатии тандурустӣ ва Дастурамал дар бораи маблағҳои махсуси муассисаҳои системаи давлатии тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳия ва тасдиқ намояд.

5. Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мувофиқа бо Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Нархномаҳои намуд ва ҳаҷми хизматрасонии тиббию санитариро ба аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои системаи давлатии тандурустӣ таҳия ва тасдиқ намояд.

*Раиси Ҳукумати*
*Ҷумҳурии Тоҷикистон* *Эмомалӣ Раҳмон*

Бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 2 декабри соли 2008, № 600
тасдиқ шудааст

**Тартиби**
хизматрасонии тиббию санитарӣ ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои системаи давлатии тандурустӣ

1. Тартиби хизматрасонии тиббию санитарӣ ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои системаи давлатии тандурустӣ (минбаъд - Тартиб) дар асоси моддаи 51 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи саломатии аҳолӣ» таҳия шуда, тартиб ва шароитҳои пешниҳод намудани хизматрасонии тиббию санитарии ройгон ва музднокро ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои системаи давлатии тандурустӣ муайян месозад.

2. Хизматрасониҳои тиббию санитарии ройгон - намуд, ҳаҷм ва шартҳои фароҳам овардани кӯмаки тиббию санитариро дар муассисаҳои давлатии тандурустӣ мутобиқи ҳаҷми маблағгузории соҳаи тандурустӣ аз буҷети давлатӣ, инчунин мавҷудияти захираҳои донорӣ барои татбиқи барномаҳои дахлдор дар соҳаи ҳифзи саломатии аҳолӣ дар бар мегирад.

3. Шарти асосии расонидани кӯмаки ройгони тиббию санитарӣ ба аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷуд будани роҳхати духтури оилавӣ, терапевт, педиатр ва акушер-гинекологи минтақавии муассисаи тандурустии маҳали зист, хулосаи комиссияи назорати тиббӣ мебошад.

4. Хизматрасониҳои тиббию санитарии ройгон ба шахсони дорои имтиёз тибқи номгӯи гурӯҳҳои аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки мутобиқи мақоми иҷтимоӣ ва нишондодҳои тиббӣ ба хизматрасонии тиббии ройгон ҳуқуқ доранд, ҳангоми пешниҳоди ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи ҳуқуқи онҳо ба имтиёзҳои иҷтимоӣ, пешниҳод карда мешаванд.

5. Таъминот бо доруворӣ ҳангоми хизматрасонии тиббию санитарии ройгон аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ мутобиқи Рӯйхати доруворихои асосӣ ва синонимҳои онҳо (РВАД) анҷом дода мешавад.

6. Кӯмакҳои башардӯстона, грантҳо ва маблағҳои иловагие, ки мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дарёфт менамоянд ва хилофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон намебошанд, манбаи иловагии таъмини хизматрасониҳои тиббию санитарии ройгон мебошанд.

7. Намудҳои кӯмаки тиббию санитарии ройгон:

- кӯмаки таъҷилиӣ ва бетаъхири тиббӣ;
- кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ;
- кӯмаки махсусгардонидашудаи тиббӣ дар шароити дармонгоҳ;
- таъминот бо доруворӣ, ваксинаҳо ва тадбирҳои ташхиси лабораторӣ дар шароити дармонгоҳ;
- кӯмаки тиббӣ дар шароити беморхона;
- кӯмаки стоматологӣ;
- чорабиниҳои санитарию гигиенӣ.

8. Кӯмаки таъҷилӣ ва бетаъхири тиббӣ:

Кӯмаки таъҷилӣ ва бетаъхири тиббӣ, аз ҷумла таъминот бо доруворӣ барои ҳамаи гурӯҳҳои аҳолӣ дар ҳолатҳое, ки ба ҳаёти шаҳрвандон ё шахсони атрофи он таҳдид мекунад ва ба бемориҳои ногаҳонӣ, ҳолатҳои нохуш, захмбардорӣ ё заҳролудшавӣ, ноқисиҳои ҳомиладорӣ ва таваллуд алоқаманд мебошанд.

9. Кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ:

Кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ намуди асосии хизматрасонии тиббӣ буда, дар доираи он навъ ва ҳаҷмҳои зерини хизматрасонӣ таъмин карда мешаванд:

А) Пешгирӣ:

- машварат ва таблиғи таҳкими саломатӣ ва ташаккули тарзи ҳаёти солим;
- эмкунии кӯдакон дар доираи барномаи эмкунӣ мутобиқи тақвими миллии эмкунӣ;
- машварати пӯшида оид ба масъалаҳои вируси норасоии масунияти инсон (ВИЧ), аломати норасоии масунияти инсон (СПИД), сироятҳое, ки тавассути алоқаи ҷинсӣ мегузаранд;
- назорати ҳолати саломатии кӯдакони то синни 5;
- муоинаи пешгирии давравии мактаббачагон;
- назорати диспансерии беморone, ки ба қайд гирифта шудаанд, ба истиснои усулҳои иловагии озмоишӣ ва таҷҳизотии таҳқиқ;
- гузаронидани чорабиниҳои мақсаднок оид ба пешгирии бемориҳо.

Б) Ташхис: муоинаи бемор:

- таҳқиқ ва ташхиси заминавии лабораторӣ (ташхиси умумии хун аз рӯи нишондод, ташхиси хун барои варақа (малярия), ташхиси умумии хуни донорӣ барои сирояти бо хун интиқол ёбанда, ташхиси умумии пешоб аз рӯи нишондод, микроскопияи андудаи пешоброҳӣ ва маҳбалаи ҳомиладор, ташхиси балғам, муайян намудани қанди хун ва пешоб аз рӯи нишондод, электрокардиография дар ҳолатҳои зарурӣ).

В) Муолиҷа:

- расонидани кӯмаки бетаъхири тиббӣ;
- беҳаракат (тасбити) намудани узв;
- таъини доруворӣ ва дигар намудҳои муолиҷа;
- таъин ва гузаронидани тазриқи тиббӣ (дохили варид, дохили мушак ва зери пӯст);
- таъин ва гузаронидани амалиётҳои (хизматрасониҳои) тиббӣ, ки номгӯи онро Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст.

Г) Кӯмаки тиббию санитарӣ ба даъватшавандагони хизмати ҳарбӣ дар асоси роҳхати комиссияи ҳарбию тиббӣ таъмин намудани муоина, чорабиниҳои ташхисӣ ва барқарорсозии муолиҷавӣ.

10. Кӯмаки махсусгардонидашудаи тиббӣ дар шароити дармонгоҳ, ки намуд, ҳаҷм ва тартиби расонидани онро Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст.

11. Таъминот бо доруворӣ, ваксинаҳо ва тадбирҳои ташхиси лабораторӣ дар сатҳи дармонгоҳӣ бо тарзи зерин анҷом дода мешавад:

а) ҳангоми расонидани кӯмаки бетаъхири тиббӣ бо доруворӣ ва маводҳои мавриди истифодаи тиббӣ;

б) эмгузаронии кӯдакони то сини 5 сола дар доираи тақвими миллии эмгузаронӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ ва кӯмаки башардӯстона;

в) тадбирҳои ташхисӣ-лабораторӣ, ки номгӯ ва ҳаҷми онҳоро Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд.

12. Кӯмаки тиббӣ дар шароити беморхона:

а) кӯмаки фаврии беморхона то баровардани бемор аз ҳолате,

ки ба ҳаёташ таҳдид менамояд, мувофиқи номгӯи муваққатии ҳолатҳое, ки бо фармони Вазорати тандурустӣ тасдиқ гардидаанд;

б) кӯмаки нақшавӣ дар асоси номгӯи гурӯҳҳои аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки мутобиқи мақоми иҷтимоӣ ва нишондодҳои тиббӣ ба хизматрасонии тиббии ройгон ҳуқуқ доранд, амалӣ карда мешавад;

в) кӯмак ҳангоми таваллуд ба заноне, ки дар қайд ва назорати мунтазами муассисаи вобастаи тиббӣ мебошанд.

13. Кӯмаки стоматологӣ намудҳои зеринро фаро мегирад

а) муоинаи профилактикӣ чорабиниҳои дорои хусусияти профилактикӣ ба кӯдакон ва ҳомиладорон ду маротиб дар як сол;

б) кӯмаки стоматологии таъҷилӣ;

в) кӯмаки махсусгардонидашудаи стоматологӣ, дар асоси номгӯи гурӯҳҳои аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки мутобиқи мақоми иҷтимоӣ ва нишондодҳои тиббӣ ба хизматрасонии тиббии ройгон ҳуқуқ доранд, амалӣ карда мешавад.

14. Чорабиниҳои беҳдоштӣ-гигиенӣ мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи таъмини амнияти санитарию эпидемиологии аҳолӣ" ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ анҷом дода мешаванд.

15. Хизматрасониҳои тиббию санитарии музднок – хизматрасониҳое мебошанд, ки муассисаҳои давлатии системаи тандурустӣ аз ҳисоби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ амалӣ менамоянд.

16. Хизматрасониҳои тиббию санитарии музднок манбаи иловагии маблағгузории муассисаҳои системаи давлатии тандурустӣ буда, барои дастгирии заминаи моддию техникӣ, баланд бардоштани музди меҳнати кормандони тиб ва беҳтар намудани сатҳи хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ равона карда мешаванд.

17. Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон феҳристи муассисаҳои системаи давлатии тандурустиро, ки хизматрасониҳои тиббию санитарии музднок мерасонанд, муайян менамояд.

18. Муассисаҳои системаи давлатии тандурустӣ вобаста ба

самти фаъолият ва имконияти молиявӣ марҳила ба марҳила аз ҷониби Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хизматрасониҳои музднок гузаронида мешаванд.

19. Хизматрасониҳои тиббию санитарии музднок дар муассисаҳои системаи давлатии тандурустӣ бо тартиби муайяншудаи моддаҳои 797- 803-и Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Тартиби мазкур расонида мешавад.

20. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои шинос шудан бо шароит, тартиб, номгӯ ва нархномаи хизматрасониҳои тиббию санитарии музднок, ҳуқуқ доранд.

21. Муассисаҳои системаи давлатии тандурустӣ вазифадоранд хизматрасониҳои тиббию санитарии музднокро ба аҳолӣ мувофиқи талаботи усулҳои ташхис, пешгирӣ ва табобат, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шудаанд, ба роҳ монанд.

22. Муассисаҳои системаи давлатии тандурустӣ вазифадоранд ҳисоботи оморӣ ва муҳосибавии хизматрасонии тиббию санитарии ройгон ва музднокро алоҳида ба роҳ монанд.

23. Пардохти хизматрасонии тиббию санитарии музднок дар муассисаҳои бонкӣ ё муассисаҳои системаи давлатии тандурустӣ сурат мегирад. Ҳисоббаробаркунӣ бо аҳолӣ барои пешниҳоди хизматҳои музднок аз ҷониби муассисаҳои давлатии системаи тандурустӣ бо истифодаи мошинаҳои назоратӣ - кассавӣ анҷом дода мешавад. Ҳангоми пардохти хизматрасонии тиббию санитарии музднок бидуни истифодаи дастгоҳи назоратӣ-кассавӣ, муассисаҳои системаи давлатии тандурустӣ вазифадоранд аз варақаи махсус, ки бо тартиби муқаррargардида тасдиқ шудааст ва ҳуҷҷати расмӣ ҳисоб меёбад, истифода баранд. Муассисаҳои системаи давлатии тандурустӣ вазифадоранд нусхаи варақаи махсус ва ё чеки дастгоҳи назоратӣ-кассавии тасдиққунандаи қабули пули нақдро, ба истифодабарандаи хизматрасониии тиббию санитарӣ супоранд.

24. Маблағҳои аз хизматрасониҳои тиббию санитарии музднок воридшаванда дар асоси Дастурамал дар бораи маблағҳои махсуси муассисаҳои системаи давлатии тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди истифода қарор дода мешаванд.

Бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 2 декабри соли 2008, № 600
тасдиқ шудааст

**Номгӯи**

хизматрасониҳои тиббию санитарии ройгон ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои давлатии системаи тандурустӣ

Кӯмаки аввалияи тиббию беҳдоштӣ

Пешгирӣ:

- машварат ва таблиғи таҳкими саломатӣ ва ташаккули тарзи ҳаёти солим;
- эмкунии кӯдакон дар доираи барномаи эмкунӣ мутобиқи тақвими миллии эмкунӣ;
- машварати пӯшида оид ба масъалаҳои вируси норасоии масунияти инсон (ВИЧ), аломати норасоии масунияти инсон (СПИД), сироятҳое, ки тавассути алоқаи ҷинсӣ мегузаранд;
- назорати ҳолати саломатии кӯдакони то синни 5;
- муоинаи пешгирии давравии мактаббачагон;
- назорати диспансерии бемороне, ки ба қайд гирифта шудаанд, ба истиснои усулҳои иловагии озмоишӣ ва таҷҳизотии таҳқиқ;
- гузаронидани чорабиниҳои мақсаднок оид ба пешгирии бемориҳо.

1.2. Ташхис:

- муоинаи бемор;
- таҳқиқ ва ташхиси заминавии лабораторӣ (ташхиси умумии хун аз рӯи нишондод, ташхиси хун барои вараҷа (малярия), ташхиси умумии хуни донорӣ барои сирояти бо хун интиқол ёбанда, ташхиси умумии пешоб аз рӯи нишондод, микроскопияи андудаи пешоброҳӣ ва маҳбалаи ҳомиладор, ташхиси балғам, муайян намудани қанди хун ва пешоб аз рӯи нишондод).

1.3. Муоличҷа:

- расонидани кӯмаки бетаъхири тиббӣ;
- беҳаракат (тасбит) намудани узв;
- таъини доруворӣ ва дигар намудҳои муоличҷа;
- таъин ва гузаронидани тазриқи тиббӣ (дохили варид, дохили мушак ва зери пӯст);

1.4. Кӯмаки тиббию беҳдоштӣ ба даъватшавандагони хизмати ҳарбӣ.

2. Кӯмаки тиббӣ дар шароити беморхона:

2.1. Кӯмаки фаврӣ дар беморхона то баровардани бемор аз ҳолате, ки ба ҳаёташ таҳдид менамояд, мувофиқи номгӯи ҳолатҳое, ки бо фармони Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи ичтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидаанд;

2.2. Кӯмак ҳангоми таваллуд ба заноне, ки дар қайд ва назорати мунтазами муассисаи вобастаи тиббӣ мебошанд.

3. Кӯмаки стоматологӣ намудҳои зеринро фаро мегирад:

3.1. Муоинаи профилактикӣ чорабиниҳои дорои хусусияти профилактикӣ ба кӯдакон ва ҳомиладорон ду маротиб дар як сол;

3.2. Кӯмаки стоматологии таъҷилӣ.

**ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ВАЗОРАТИ МОЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

# Ф А Р М О И Ш

аз «05» ноябри соли 2014, №938     аз «05» ноябри соли 2014, №135

шаҳри Душанбе

Дар бораи тасдиқи «Қоидаҳои ҳампардохти хизматрасонии тиббию санитарӣ ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои системаи давлатии тандурустӣ» ва «Дастурамал дар бораи маблағҳои махсуси муассисаҳои системаи давлатии тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон» доир ба татбиқи Тартиби хизматрасонии тиббию санитарӣ ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои системаи давлатии тандурустӣ

Бо мақсади иҷрои банди 4-и қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 декабри соли 2008, №600 «Дар бораи Тартиби хизматрасонии тиббию санитарӣ ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои системаи давлатии тандурустӣ».

## ФАРМОИШ МЕДИҲЕМ:

1. «Қоидаҳои ҳампардохти хизматрасонии тиббию санитарӣ ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои системаи давлатии тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Дастурамал дар бораи маблағҳои махсуси муассисаҳои системаи давлатии тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон» тасдиқ карда шаванд (замимаҳои 1 ва 2).

2. Раёсату шӯъбаҳои молия ва тандурустии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, инчунин, муассисаҳои табобатию пешгирӣ фармоиши мазкурро ба роҳбарӣ гирифта, татбиқи онро таъмин намоянд.

3. Фармоиши якҷояи Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 сентябри соли 2011, №504-58 аз эътибор соқит дониста шавад.

4. Фармоиши мазкур тибқи тартиби муқарраргардида барои ба қайди давлатӣ гирифтан ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

5. Фармоиши мазкур пас аз ба қайди давлатӣ ва интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

6. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи Раёсати иқтисодӣ ва банақшагирии буҷети соҳаҳои тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Сарраёсати буҷети давлатии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта шавад.

| | |
|---|---|
| Вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ____________________ | ______________________ |

**Замима**
ба фармоиши якҷояи Вазири тандурустӣ ва ҳифзи ичтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 ноябри соли 2014, №№938,135

# ҚОИДАҲОИ ҲАМПАРДОХТИ ХИЗМАТРАСОНИИ ТИББИЮ САНИТАРӢ БА ШАҲРВАНДОНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР МУАССИСАҲОИ СИСТЕМАИ ДАВЛАТИИ ТАНДУРУСТӢ

Қоидаи ҳампардохти хизматрасонии тиббию санитарӣ ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои системаи давлатии тандурустӣ дар асоси банди 4 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 декабри соли 2008 таҳти №600 “Дар бораи Тартиби хизматрасонии тиббию санитарӣ ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои системаи давлатии тандурустӣ” ва сархати панҷуми банди 2, боби 1 Стратегияи маблағгузории соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2005-2015, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 майи соли 2005, №171 тасдиқ шудааст, таҳия гардида, тартиби ягонаи воридкунӣ, баҳисобгирӣ, истифода ва баргардонидани маблағҳои ҳампардохти хизматрасонии тиббию санитариро ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои системаи давлатии тандурустӣ муайян менамояд.

## 1. МАФҲУМҲОИ АСОСӢ ВА ИБОРАҲОИ ИХТИСОРШУДА

1. Мафҳумҳои асосӣ ва ибораҳои ихтисоршудаи зерин, ки дар қоидаҳои мазкур истифода бурда мешаванд:

- андудаи вагиналӣ - таҳлили тарашуҳоти маҳбал дар озмоишгоҳ бо мақсади муайян намудани барангезандаи бемориҳои занона;
- ташхиси фаросавтӣ – ташхис ба воситаи таҷҳизоти тиббӣ бо мақсади муайян намудани зичии бофтаҳои узвҳо;
- нишондодҳои бетаъхир ва таъҷилии тиббӣ - нишондиҳандаҳои ҳолати бемор (набз, фишори хун, кори дил ва

нафаскашӣ), ки ҳангоми ба таъхир мондан ё ба таври таъҷилӣ нарасонидани ёрии таъҷилии тиббӣ ба ҳаёти бемор таҳдид менамояд;

- дахолати фаврӣ то ба субот омадани нишондодҳои гемодинамикӣ ва нафаскашӣ- гузаронидани чораҳои фаврии тиббӣ ҳолате, ки ҳангоми ёри нарасонидан ба ҳаёт таҳдид менамояд;
- назорати диспансерӣ - зери назорати дармонгоҳӣ қарор доштани беморони гирифтори бемориҳои музмин;
- махав - бемории сироятӣ мебошад, ки одам ба воситаи микобактерия сироят меёбад;
- ҳорӣ – бемории сироятӣ, ки боиси иллати системаи асаби марказӣ мегардад ва тавассути газидан ё бо оби даҳон олонидани ҳайвоноти мубталои бемории ҳорӣ шахс бо барангезандаи вируси бемории ҳорӣ сироятёфта ба ин бморӣ гирифтор мешавад;
- гаронарзиш – ин арзиши хизматрасониҳои тиббӣ, ки аз 1000 сомонӣ зиёд мебошад;
- технологияи баланди ташхисию табобатӣ – ташхис ва табобати бемор бо истифода аз технологияи муосири ташхисию табобатӣ, ба монандӣ ташхис бо истифода аз томографияи компютерӣ, ангиограф, томографи магнитию резонансӣ, ҷарроҳиҳо дар дил, системаи асаб, иваз намудани гурда, ҷигар, эндопротезкунии буғумҳо, табобат бо истифода аз ҳуҷайраҳои бунёдӣ, бордоркунии ғайрибатнӣ ва ғайраҳо) мебошад;
- ҲБК - Ҳамбастагии бемориҳои кӯдакона;
- КНТ -Комиссияи назоратии тиббӣ;
- КАТС -Кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ;
- RW - реаксияи Вассерман, намуди таҳлил, ки ба воситаи он бемории оташак ошкор карда мешавад;
- ВНМО/БПНМ -Вируси норасоии масунияти одам/Бемории пайдошудаи норасоии масуният;
- DOTS (ДОТС) - Барномаи табобати назоратшавандаи беморони сил.

## 2. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

2. Хизматрасонии тиббию санитарии ройгон - намуд, ҳаҷм ва шартҳои пешниҳод намудани кӯмаки тиббию санитариро дар муассисаҳои системаи давлатии тандурустӣ мутобиқи ҳаҷми маблағгузории соҳаи тандурустӣ аз буҷети давлатӣ, инчунин мавҷудияти захираҳои донорӣ барои татбиқи барномаҳои дахлдор дар соҳаи ҳифзи саломатии аҳолӣ дар бар мегирад.

3. Хизматрасониҳои тиббию санитарии ройгон ба аҳолии дорои имтиёз, тибқи номгӯи гурӯҳҳои аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки мутобиқи мақоми иҷтимоӣ мутобиқи номгӯи I, замимаи 1 ва нишондодҳои тиббӣ мутобиқи номгӯи II, замимаи 1 ба хизматрасонии тиббии ройгон ҳуқуқ доранд, ҳангоми пешниҳоди ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи ҳуқуқи онҳо ба имтиёзҳои иҷтимоӣ мутобиқи замимаи 2, пешниҳод карда мешаванд.

4. Шарти асосии расонидани кӯмаки тиббию санитарии ройгон ба аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо истиснои ҳолатҳои бетаъхир ва фаврии тиббӣ), мавҷуд будани роҳхати табиби оилавӣ, терапевт, педиатр ва акушер-гинекологи минтақавии муассисаи тандурустии маҳалли зист мутобиқи замимаи 3, хулосаи комиссияи назоратии тиббӣ (КНТ) мебошад.

5. Хизматрасониҳои тиббию санитарии музднок манбаи иловагии маблағгузории муассисаҳои системаи давлатии тандурустӣ буда, барои дастгирии заминаи моддию техникӣ, баланд бардоштани музди меҳнати кормандони тиб ва беҳтар намудани сатҳи хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ равона карда мешаванд.

6. Ташакулёбӣ ва истифодабарии маблағҳое, ки аз ҷониби муассисаҳои тандурустӣ тибқи тартиби ҳампардохт аз ҷониби аҳолӣ ворид гардидааст, мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва ҳамин Қоидаҳо ба танзим дароварда мешавад.

7. Ҳампардохт дар муассисаҳои давлатии тандурустӣ барои кӯмаки махсусгардонидашудаи амбулаторию дармонгоҳӣ, ташхиси лабораторию диагностикӣ дар сатҳи амбулаторӣ ва навъҳои алоҳидаи хизматрасонии тиббӣ дар статсионарҳо тибқи Тартиби хизматрасонии тиббию санитарӣ ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои системаи давлатии тандурустӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 декабри соли 2008 таҳти №600 тасдиқ карда шудааст, ҷорӣ карда мешавад.

## 3. ҲАМПАРДОХТ ДАР МУАССИСАҲОИ ДАРМОНГОҲИИ ТАНДУРУСТӢ

8. Шаҳрвандон ҳампардохти хизматрасониҳои ташхисию санҷиши озмоишгоҳӣ ва кӯмаки махсусгардонидашудаи дармонгоҳӣ ва муоинаю машваратдиҳӣ, ки аз ҷониби номзад ва докторҳои илм-профессорон анҷом дода мешавад (ба истисноии гурӯҳҳои имтиёзнок мутобиқ ба номгӯи I ва II замимаи 1) мувофиқи Нархномаи намуд ва ҳаҷми хизматрасониҳои тиббӣ ба аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои системаи давлатии тандурустӣ, ки аз ҷониби Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мувофиқа бо Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст (минбаъд Нархнома) пардохт менамоянд.

9. Шаҳрвандоне, ки аз дигар шаҳру ноҳияҳо барои гирифтани хизматрасонии махсусгардонидашудаи тиббӣ дар сатҳи дармонгоҳ ба муассисаҳои тандурустии шаҳру ноҳияҳо муроҷиат менамоянд, ба истисноии азназаргузаронии беморон, таъин намудани муоинаи ташхисию озмоишӣ ва муолиҷа бо доруворӣ, дигар намуд ва ҳаҷми кӯмаки махсусгардонидашудаи тиббӣ ҳаққи хизматрасониро ба истисноии гурӯҳҳои имтиёздор тибқи нархнома пурра пардохт менамоянд.

10. Кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ ва кӯмаки махсусгардонидашуда дар сатҳи дармонгоҳӣ ба ҳомиладороне, ки ба қайд гирифта шудаанд ва зери назорати доимии муассисаи дахлдори тиббӣ мебошанд, дар ҳаҷм ва намудҳои зерин бо таври ройгон анҷом дода мешаванд:

- таҳлили умумии хун 2 маротиба;
- таҳлили хун барои гемоглобин 3 маротиба;
- ташхиси хун барои RW 2 маротиба;
- ташхиси хун барои ВНМО 2 маротиба;
- ташхиси умумии пешоб 2 маротиба;
- ташхиси пешоб барои протеинурия 4 маротиба;
- ташхиси бактериявии пешоб (хангоми зарурият);
- микроскопияи андудаи вагиналӣ;
- ташхиси фаросавтӣ 2 маротиба.

## 4. ҲАМПАРДОХТ ДАР СТАТСИОНАРҲО (САТҲИ БИСТАРӢ)

11. Ҳангоми муоличаи статсионарӣ ҳампардохт вобаста ба намуди бемориӣ, мавҷудияти ҳуқуқ ба имтиёзҳо барои шаҳрвандон, аз рӯи андоза, ки мутобиқи Замимаи 4 “Ҷадвали нархи миёнаи бемории муоличашуда” анҷом дода мешавад.

12. Шаҳрвандоне, ки ба имтиёзҳо ҳуқуқ надоранд, ҳангоми доштани роҳхат аз табибони оилавӣ, терапевтҳо, педиатрҳо ва акушер-гинекологҳои минтақавӣ, инчунин дар ҳолатҳои бетаъхир ва таъҷилии тиббӣ бистарӣ гардидаанд, дар ҳар як ҳолати алоҳидаи бистаригардонӣ 80% арзиши хизматрасонии тиббию санитариро аз рӯи Ҷадвал пардохт (ҳампардохт) менамоянд.

13. Шаҳрвандоне, ки барои бистарикунонӣ роҳхат надоранд, дар ҳар як ҳолати алоҳидаи бистаригардонӣ 100% арзиши хизматрасониҳоро аз рӯи Ҷадвал пардохт менамоянд.

14. Агар барои доир намудани машваратҳои зарурӣ, ташхиси лабораторӣ ва диагностикӣ (ба истисноии тадқиқотҳои гаронарзиши лабораторӣ, диагностикӣ ва манипулятсия) аз муроҷиаткунанда ҳангоми бистарикунонӣ маблағ барои ҳампардохт гирифта шуда бошад, ситонидани маблағҳои иловагӣ иҷозат дода намешавад.

15. Ба ҳамаи бемороне, ки ба статсионар вобаста ба нишондодҳои бетаъхир ва таъҷилии тиббӣ омадаанд, кӯмаки бетаъхир ва таъҷилии тиббӣ то баровардан аз ҳолате, ки барои ҳаёташон таҳдид мекунад, ройгон анҷом дода мешавад.

16. Баъди расонидани кӯмаки бетаъхир ва таъҷилии тиббии статсионарӣ, аз ҷумла дахолати фаврӣ то ба субот омадани нишондодҳои гемодинамикӣ ва нафаскашӣ, муроҷиин 80% арзиши хизматрасониҳоро аз рӯи Ҷадвал пардохт менамояд.

17. Ҳангоми таваллуд дар статсионар пардохти пурраи арзиши хизматрасонӣ аз рӯи Ҷадвали нархи миёнаи бемории муоличашуда барои муайян намудани андозаи ҳампардохти аҳолӣ барои хизматрасониҳои тиббӣ, аз заноне ситонида мешавад, ки дар мавриди ҳамин ҳомиладорӣ дар қайд ва назорати мунтазами диспансерӣ дар муассисаи мансуб набудаанд (ҳангоми ҳомиладорӣ камтар аз 4 маротиба ҳозир шудаанд).

18. Ҳангоми таваллуд дар статсионар ҳампардохти хизматрасониҳои тиббӣ аз заноне, ки дар мавриди ҳамин ҳомиладорӣ дар қайд ва назорати мунтазами диспансерӣ дар муассисаи мансуб будаанд (ҳангоми ҳомиладорӣ на камтар аз 4 маротиба ҳозир шудаанд) ситонида намешавад.

19. Ҳангоми дар ҳамин муассисаи тандурустӣ мавҷуд набудани мутахассисони дахлдор, шароит барои гузаронидани ташхисҳои алоҳидаи лабораторӣ ва диагностикӣ (ба истиснои ташхисҳои гаронарзиши лабораторӣ, диагностикӣ ва манипулятсия) онҳо метавонанд ба дигар муассисаҳои тандурустӣ, аз ҷумла ба муассисаҳои тандурустии дигар шаҳру ноҳияҳо гузаронида шаванд. Дар айни ҳол пардохт аз ҷониби муассисаи тандурустии ирсолкунанда, мутобиқи Ҷадвал ва Шартномаҳои бо тарафҳо мувофиқа гардида, анҷом дода мешавад.

20. Хизматрасониҳои тиббии гаронарзиши статсионарӣ, ки бо истифода аз технологияи баланди ташхисию табобати амалӣ карда мешаванд тибқи Нархнома пардохт карда мешаванд.

21. Амалиёти гемодиализ (гемодиализи бикорбонатӣ, ултрафилтратсия, гемосорбсия, плазмофорез), ки дар статсионар дар муддати на зиёдтар аз 3 рӯз бистарӣ будани бемор анҷом дода мешавад, тибқи Нархнома пардохт карда мешавад.

22. Агар хароҷоти воқеӣ барои муолиҷаи статсионарӣ аз арзиши дукаратаи муолиҷа мутобиқи Ҷадвал зиёд бошад, комиссияи муолиҷавию назоратии (КМН) муассисаи тандурустӣ дар хусуси аз ҷониби муроҷиин пардохт намудани хароҷоти иловагӣ барои воситаҳои доруворӣ ҷиҳати муолиҷаи минбаъда сарфи назар аз мавҷудияти ҳуқуқ ба имтиёзҳо қарор қабул мекунад, ки бо протокол ба расмият дароварда мешавад.

23. Шахсоне, ки аз дигар шаҳру ноҳияҳо барои гирифтани кӯмаки статсионарӣ дар муассисаҳои системаи давлатии тандурустӣ муроҷиат менамоянд, дар асоси Ҷадвали нархи миёнаи бемории муолиҷашуда пурра пардохт менамоянд.

## 5. НАРХИ МИЁНАИ БЕМОРИҲОИ МУОЛИҶАШУДА БАРОИ МУАЙЯН НАМУДАНИ АНДОЗАИ ҲАМПАРДОХТИ АҲОЛӢ БАРОИ ХАРОҶОТҲОИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ТИББӢ ДАР МУАССИСАҲОИ СИСТЕМАИ ДАВЛАТИИ ТАНДУРУСТӢ

24. Маблағҳои ҳампардохт ҳангоми муолиҷаи статсионарӣ, вобаста ба соҳаи беморӣ, роҳхат доштани шаҳрвандон ва ҳуқуқ ба имтиёзҳо тибқи ҷадвали нархи миёнаи бемории муолиҷашуда барои муайян намудани андозаи ҳампардохти аҳолӣ барои хароҷотҳои хизматрасониҳои тиббӣ, ки мутобиқи нархнома (ба истиснои арзиши хизматрасониҳои тиббии гаронарзиши статсионарӣ бо истифода аз технологияи баланди ташхисию табобатӣ, ки бевосита аз рӯи нархнома пардохт карда мешаванд), ки дар замимаи 4-и қоидаи мазкур оварда шудааст, амалӣ мегардад.

## 6. ТАРТИБИ БА РАСМИЯТ ДАРОВАРДАНИ ТАЛОНҲО БАРОИ ҲАМПАРДОҲТИ ХИЗМАТРАСОНИИ ТИББИЮ САНИТАРӢ АЗ ҶОНИБИ АҲОЛӢ

25. Саривақт ва пурра аз тарафи муроҷиаткунанда ворид намудани ҳампардохтро дар статсионар шахси масъуле назорат менамояд, ки аз тарафи роҳбари муассисаи тандурустӣ таъин карда шудааст.

26. Маблағҳои ҳампардохт аз тарафи муроҷиаткунанда ба хазинаи муассисаи тандурустӣ супорида мешаванд. Ба муроҷиаткунанда чек оиди тасдиқи қабули пули накд (квитансия ба ордери даромади хазинавӣ) дода мешавад.

27. Асос барои супоридани ҳампардохт ба муассисаи тандурустӣ талони ҳампардохт мебошад, ки намунаи он мутобиқи замимаҳои 6 ва 7 муайян карда шудааст.

28. Барои навиштани талонҳо бо фармоиши роҳбари муассисаи тандурустӣ шахси масъул таъин карда мешавад.

29. Барои таъмини баҳисобгирии омории муроҷиаткунанда аз рӯи категорияи имтиёзнок дар статсионарҳо ва гирифтани хизматрасониҳои махсус дар муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ талони ҳампардохт барои ҳамаи муроҷиаткунанда навишта, дода мешавад.

30. Қисми буридашудаи талонҳо дар ҷойи расондани хизмати тиббӣ ҷамъ оварда мешаванд (дар шӯъбаҳои статсионар, сохторҳои

муассисаи кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ) ва ба муҳосибот барои ба ҳисоб гирифтани муроҷиаткунанда ва назорати пуррагии воридшавии ҳампардохт супорида мешаванд.

31. Қисми бурида гирифташудаи талон ба варақаи тиббии бемори статсионарӣ – шакли № 003/у ва ба варақаи тиббии муроҷиин –шакли № 112/у ҳамроҳ карда мешавад.

32. Агар ба ҷои муроҷиаткунанда маблағи арзиши хизматрасониҳоро шахси ҳуқуқӣ хампардохт намояд, пас метавонад онро ба суратҳисоби махсуси муассисаи тандурустӣ интиқол диҳад.

33. Бе талони ҳампардохт маблағҳои пулии муроҷиаткунанда ба хазина қабул карда намешаванд.

34. Тартиби ба расмият даровардани талонҳо ҳангоми ба муолиҷаи статсионарӣ ворид шудани беморон чунин сурат мегирад:

а) талон дар рӯзи воридшавии бемор аз тарафи шахси масъул дода мешавад;

б) дар ҳолати бистаригардонии фаврӣ талон дар рӯзи воридшавии бемор навишта шуда, ҳангоми баромадан аз ҳолате, ки ба ҳаёти бемор таҳдид мекунад ба бемор дода мешавад;

в) агар муроҷиаткунанда бо қарори комиссияи муолиҷавии назоратии (КМН) муассиса аз ҳампардохт озод карда шавад, пас дар талон рақам ва санаи протокол нишон дода мешавад. Талон якҷоя бо протокол дар варақаи тиббии бемори статсионарӣ (таърихи беморӣ) часпонда мешавад.

35. Тартиби ба расмият даровардани талонҳо дар муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ чунин сурат мегирад:

а) талон аз тарафи духтурони оилавӣ, терапевтҳо, педиатрҳо, акушер-гинекологҳои минтақавӣ ва мутахассисони ихтисосҳои махсус ҳангоми муроҷиат намудан ба муассисаи кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ (КАТС) навишта мешавад;

б) дар талон андозаи ҳампардохт барои хизматрасониҳои амбулаторию ташхисӣ аз рӯи Нархнома нишон дода мешавад;

в) талони пуркардашуда ба муроҷиаткунанда барои пардохт дода мешавад;

г) агар муроҷиаткунанда ба категорияи имтиёзноки аҳолӣ аз рӯи номгӯи I ва II, замимаи №1 ба Қоидаи ҳампардохти хизматрасонии тиббию санитарӣ ба шаҳрвандони Ҷумҳурии

Тоҷикистон дар муассисаҳои системаи давлатии тандурустӣ, ки бо фармоиши мазкур тасдиқ гардидааст, дохил шавад, ҳампардохт гузаронида намешавад, талон бошад, барои таъмини баҳисобгирии омории муроҷиаткунанда ва гирифтани хизматрасониҳои махсус дар муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ истифода бурда мешавад.

## 7. ТАРТИБИ ИСТИФОДАИ МАБЛАҒҲОИ ҲАМПАРДОХТ

36. Маблағҳои ҳампардохт барои муолиҷаи бемор ва маблағгузории фаъолияти мунтазами муассисаҳо равона карда мешаванд.

37. Маблағҳои ҳампардохт аз ҷониби муассисаҳои тандурустӣ ба суратҳисобҳои махсус гузаронида мешаванд.

38. Маблағҳои ҳампардохт ғайрибуҷетӣ буда, аз тарафи муассисаи тандурустӣ ба андозаи муқарраршуда истифода бурда мешаванд.

39. Маблағҳои ҳампардохт барои пардохти масрафи сафарҳои хизматӣ, хӯрока ва корҳои сохтмонӣ истифода шуда наметавонанд.

40. Маблағҳои ҳампардохт метавонанд ба мақсадҳои зерин истифода шаванд:

а) барои харидани:
- доруворӣ ва воситаҳои басту банд;
- таҷҳизоти тиббӣ;
- реактивҳо ва реагентҳо;
- маводҳои сарфшаванда барои тадқиқотҳои лабораторӣ ва ташхисӣ;
- инвентари нарм ва либоси махсус;
- қисмҳои эҳтиётӣ барои таҷҳизотҳои тиббӣ,
- воситаҳои бесирояткунанда (зиддишуфавӣ) ва шӯянда,
- хароҷотҳои коммуналӣ;

б) барои иҷрои корҳои таъмири косметикӣ.

В) барои пардохти хизматрасониҳои бонкӣ, ҳуҷҷатҳои баҳисобгирӣ ва ҳисоботдиҳии омории тиббӣ;

г) барои пардохти музди меҳнат ва суғуртаи иҷтимоии (то 40 % аз ҳисоби маблағҳои ҳампардохт, пас аз бо пуррагӣ таъмин намудани ташхис ва табобати бемор) кормандони муассисаҳои тандурустӣ.

41. Сметаи даромаду хароҷотҳо аз рӯи маблағҳои ҳампардохт аз тарафи муассисаи тандурустӣ барои як сол бо тақсимоти семоҳаҳо тартиб дода шуда, аз тарафи роҳбарони раёсатҳои тандурустии шаҳри Душанбе, вилоятҳо ва муассисаҳои соҳаи тандурустии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо тасдиқ карда мешавад.

42. Тақсими маблағҳои ҳампардохт аз рӯи самтҳои нишондодашуда аз тарафи муассисаи тандурустӣ мустақилона, бо назардошти талаботи ҷорӣ барои таъмин намудани хизматрасонии пурра ва хушсифати муроҷиаткунанда амалӣ карда мешавад.

43. Сметаи даромад ва хароҷотҳо аз рӯи маблағҳои ҳампардохт дар мувофиқа барои маблағгузорӣ ба Сарраёсат, раёсат ва шӯъбаҳои молияи вилоят ва шаҳру ноҳияҳо пешниҳод карда мешаванд.

44. Ҳангоми аз сметаи тасдиқшуда зиёд ворид шудани маблағҳои ҳампардохт, сметаи даромаду хароҷотҳои иловагӣ пешниҳод карда мешавад.

45. Маблағҳои нақдии ҳампардохт, ки зиёда аз 1000 сомонӣ дар як рӯз ворид мешавад ба бонки ваколатдор, ки ба суратҳисобҳо, аз ҷумла маблағҳои махсуси хазинадорӣ хизмат мерасонад, ҳаррӯза супорида мешаванд. Дар ҳолати мавҷуд набудани шӯъбаи Хазинадорӣ дар макони ҷойгиршавии муассисаи тандурустӣ, супоридани маблағҳои воридшуда ба андозаи ҷамъшавиашон иҷозат дода мешавад, вале на камтар аз як маротиба дар як ҳафта.

46. Харидани маводҳои гаронарзиш аз ҳисоби маблағҳои ҳампардохт аз тарафи муассисаҳои тандурустӣ ба воситаи гузаронидани тендерҳо мутобиқи қонунгузорӣ оид ба харид амалӣ карда мешавад.

47. Харидани доруҳо барои ҳолатҳои фавқулодда ба таври нақдӣ аз дорухонаҳо ё таъминкунандагони доруҳо бо ҳатман тартиб додани ҳуҷҷатҳои дахлдор, мувофиқи далели харидҳо (счет-фактура, варақаи пардохт, квитансияи ордери даромади хазинавӣ ва чеки хазина) амалӣ карда мешавад. Дар ин маврид ҳаҷми харид бо пули нақд бояд бо зарурати расонидани ёрии фаврӣ ба муроҷиин асоснок карда шавад.

48. Маблағҳои дар соли ҳисоботӣ истифоданашудаи ҳампардохт ба ихтиёри муассисаи муолиҷавию профилактикӣ гузошта мешаванд. Харҷ намудани онҳо дар соли оянда бо тартиби муқарраргардида барои соли ҷорӣ ба амал бароварда мешавад.

## 8. ТАРТИБИ ГУЗАРОНИДАН ВА БАРГАРДОНИДАНИ МАБЛАҒҲОИ ҲАМПАРДОХТ

49. Асосҳо барои гузаронидани ҳампардохт талони ҳампардохт мебошад, ки аз ҷониби табиби шӯъбаи қабули статсионар мутобиқи банди 6-и ҳамин Қоида дода мешавад.

50. Ҳампардохт ба муроҷиаткунанда бояд дар ҳолате баргардонида шавад, ки агар ҳуқуқи муроҷиаткунанда барои имтиёз баъди пардохт муқаррар карда шуда бошад.

51. Ҳангоми аз як муассисаи тандурустӣ ба дигараш гузаронидани муроҷиин ё фавти ӯ дар таърихи беморӣ (варақаи тиббии бемори статсионарӣ) нусха аз протоколи қарори комиссияи муолиҷавию назоратӣ (КМН) ҳамроҳ карда мешавад, дар талони ҳампардохт оиди баргардондани маблағ, рақам ва санаи ордери даромади хазинавӣ қайд карда мешавад.

52. Баргардондани маблағҳои ҳампардохт ба андозаи зерин гузаронда мешавад:

а) 100 фоиз ҳангоми дар статсионари мазкур аз як шабонарӯз камтар бистарӣ будани бемор бе гузаронидани амалиёти ҷарроҳӣ;

б) 50 фоиз ҳангоми дар статсионарӣ мазкур аз се шабонарӯз камтар бистарӣ будани бемор бе гузаронидани амалиёти ҷарроҳӣ;

в) ҳангоми зиёда аз се шабонарӯз дар статсионар бистарӣ будани бемор маблағи ҳампардохт баргардонда намешавад .

53. Ҳангоми ба бемор баргардондани маблағи ҳампардохт дар талон «Рақам ва санаи ордери даромад, маблағи ҳампардохти баргардонидашуда» қайд карда шуда, ордери даромади хазинавӣ аз тарафи роҳбари муассисаи тандурустӣ ва сармуҳосиб имзо карда мешавад.

54. Баҳсу норозигии байни тарафҳо пайдошуда, бо роҳи гуфтушунид бо ҷалб намудани экспертизаи мустақил, комиссияи муолиҷавӣ–назоратӣ (КМН) ва бо тартиби судӣ ҳал карда мешаванд.

## 9. БАҚАЙДГИРӢ, ҲИСОБОТДИҲӢ ВА НАЗОРАТИ ИСТИФОДАИ МАБЛАҒҲОИ ҲАМПАРДОХТ

55. аҳисобгирии талонҳои ҳампардохт ба таври зерин ба амал баровarda мешавад:

а) талонҳои ба мурочиаткунанда додашуда дар дафтари баҳисобгирии талонҳои ҳампардохти хизматрасониҳои тиббию санитарӣ мутобиқи замимаи № 5 қайд карда мешавад. Дафтар бояд дӯхта шуда, рақам гузошта шуда, бо имзоҳои роҳбар, сармуҳосиб ва мӯҳри муассисаи тиббӣ тасдиқ карда шуда бошад;

б) талонҳои ҳампардохт рақамгузорӣ карда мешаванд ва ба шахси аз тарафи роҳбари муассисаи тандурустӣ масъул таъинкардашуда барои навиштани талонҳо бо имзо супорида мешаванд. Ба такрор намудани рақами талонҳо роҳ дода намешавад;

в) дар дафтари баҳисобгирӣ ба ҳар як ҳодиса додани талонҳо дар муддати як моҳ қайд карда мешавад ва натиҷаи якмоҳа ҷамъбаст карда мешавад;

г) ҳар моҳ шахсони барои навиштани талонҳо масъул ба муҳосибот ҳисоботро оид ба миқдор ва маблағи талонҳои ҳампардохт пешниҳод менамоянд;

д) ҳисобот оиди миқдори беморони бистаришуда, оиди миқдори ташрифот ва муоинаҳои гузаронидашуда бо имзои оморшиноси тиббӣ тасдиқ карда мешавад.

## 10. ТАРТИБИ БАҲИСОБГИРИИ МАБЛАҒҲОИ ҲАМПАРДОХТ ДАР ХАЗИНАИ МУАССИСА

56. Барои баҳисобгирии ҳампардохт дафтари алоҳидаи хазина кушода мешавад. Дар як дафтари хазина маблағҳои буҷет, дар дафтари дигар – маблағҳои ҳампардохт ба ҳисоб гирифта мешаванд.

57. Ҳангоми воридшавии маблағҳои ҳампардохт ба хазинаи муассисаи тандурустӣ чеки (ордери даромади) хазинавӣ навишта мешавад. Дар талон оиди ҳампардохт бо нишон додани сана ва рақами ордери даромади хазинавӣ ва маблағ қайд карда мешавад. Агар ҳампардохт қисм ба қисм пешниҳод шавад, пас дар талон сана ва рақамҳои ҳамаи ҳуҷҷатҳои даромади хазинавӣ нишон дода мешаванд;

58. Талон якҷоя бо квитансияи ордери даромади хазинавӣ ба муроҷиаткунанда барои пешниҳод намудан ба шӯъбаи статсионар ё мутахассисони муассисаи кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ, ки муроҷиаткунандаро барои муоина фиристодаанд, дода мешавад;

59. Дар охири рӯз хазинадор рӯйхати ордерҳои даромад ва хароҷоти хазинавиро бо нишон додани рақамҳои он ва маблағ алоҳида барои кӯмаки статсионарӣ ва муассисаи кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ тартиб медиҳад ва ордерҳои даромади ҷамъбастии хазинавиро ба маблағҳои воридшудаи ҳампардохт барои инъикос намудан дар дафтари хазина тартиб медиҳад.

60. Шӯъбаи муҳосибот ҳар семоҳа ҳисоботро оид ба иҷрои сметаи даромаду хароҷотҳо аз рӯи суратҳисобҳои махсус ва дар охири сол ҳисоботи солонаи иҷроиши сметаи хароҷотҳоро мувофиқи шакли муқарраргардида тартиб медиҳад.

61. Муассисаҳои тандурустӣ вазифадоранд баҳисобгирии оморӣ ва муҳосибавии хизматрасонии тиббию санитарии ройгон ва ҳамаи маблағҳоеро, ки аз аҳолӣ ба сифати ҳампардохт тибқи тартиби муқарарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба даст омадаанд, дар алоҳидагӣ анҷом диҳанд.

62. Назорати истифодаи маблағҳои ҳампардохт аз ҷониби муассисаҳои тандурустӣ тавассути идораҳои минтақавии тандурустии шаҳрию ноҳиявӣ, вилоятӣ ва Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, анҷом дода мешавад.

**Замимаи 1**
ба Қоидаҳои ҳампардохти хизматрасониҳои тиббию санитарӣ ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои системаи давлатии тандурустӣ, ки бо фармоиши якҷояи Вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05 ноябри соли 2014, №№938,135 тасдиқ карда шудааст

**Номгӯи I**

Гурӯҳи шаҳрвандоне, ки мутобиқи мақоми иҷтимоӣ барои гирифтани хизматрасониҳои тиббии ройгон ҳуқуқ доранд

- иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ, иштирокчиёни амалиётҳои ҷангӣ дар ҳудуди дигар давлатҳо;
- қаҳрамонони Ҷумҳурии Тоҷикистон, Иттиҳоди Шӯравӣ ва шахсоне, ки бо се дараҷаи Ордени Шараф мукофотонида шудаанд;
- қаҳрамонони меҳнати сотсиалистӣ;
- ҷанговарони интернатсионалист, собиқадорони амалиёти ҷангӣ дар қаламрави дигар давлатҳо;
- нафақахӯрон барои хизматҳои шоён ё махсус;
- шахсони бар асари фалокати нерӯгоҳи барқи атомии Чернобил зарар дида ва аъзои оилаи бесаробонмондаи онҳо;
- маъюбоне, ки ҳангоми адои хизмати ҳарбӣ захмӣ шудаанд ё осеб бардоштаанд;
- маъюбон аз даврони кӯдакӣ;
- кӯдакони маъюби то синни 18 сола;
- кӯдакони ятим, ки дар хонаҳои давлатии кӯдакон, хонаҳои кӯдаконаи оилавӣ (оилаҳои қабулнамуда), интернатҳо барои кӯдакони ятим қарор доранд ва кӯдаконе, ки аз парастории волидайн маҳрум мондаанд;
- кӯдакони то 1 сола;
- маъбони гурӯҳҳои I ва II дар натиҷаи осеббардории меҳнатӣ, бемориҳои касбӣ ё бемориҳои умумӣ;
- аъзои оилаҳои камбизоат ва шаҳрвандони яккаву танҳои камбизоат;
- шаҳрвандони бекор, ки расман дар мақомоти шуғли аҳолӣ ба қайд гирифта шудаанд;

- шаҳрвандони синни 80 сола ва аз он боло;
- бошандагони муассисаҳои иҷтимоии будубоши доимӣ;
- маъюбон – гурезаҳо ва паноҳҷӯяндагони хориҷӣ, ки ба таври расмӣ дар ҳудуди Тоҷикистон будубош менамоянд.

**Номгӯи II**

Гурӯхи шаҳрвандоне, ки мутобиқи нишондиҳандаҳои тиббӣ барои гирифтани хизматрасониҳои тиббии ройгон ҳуқуқ доранд (бо бемории асосӣ)

- беморони гирифтори сактаи шадиди дил (дар ду ҳафтаи аввал);
- беморони мубталои саратон дар стадияи терминалӣ;
- беморони мубталои гемофилия;
- беморони мубталои махав;
- беморони мубталои бемории ҳорӣ;
- беморони мубталои гулӯзиндонак (дифтерия);
- беморони гирифтори бемории сил (дар доираи Барномаи ДОТС);
- беморони гирифтори ВНМО/БПНМ;
- беморони гирифтори бемории диабети қанди навъи аз инсулин вобаста буда;
- кӯдакони то 5 сола, ки гирифтори бемориҳои дарунрав ва шадиди роҳҳои нафас мебошанд (дар доираи Барномаи ҲБК).

**Эзоҳ**: дар сурати хуруҷи беморӣ ва эпидемияи бемориҳои сироятӣ дар минтақаҳо Фонди эпидемиологӣ таъсис дода шуда, чорабиниҳои зиддиэпидемикӣ ва кӯмаки тиббию санитарӣ ба аҳолӣ аз ҳисоби маблағҳои Фонди эпидемиологӣ расонида мешаванд.

**Замимаи 2**
ба Қоидаҳои ҳампардохти хизматрасониҳои тиббию санитарӣ ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои системаи давлатии тандурустӣ, ки бо фармоиши якҷояи Вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 05 ноябри соли 2014, №№938,135
тасдиқ карда шудааст

**Номгӯи**
гурӯҳҳои аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки мутобиқи мақоми иҷтимоӣ ба хизматрасонии тиббии ройгон ҳуқуқ доранд ва ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда ба имтиёзҳо

| № т/т | Гурӯҳҳои аҳолӣ | Ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи ҳуқуқ ба имтиёзҳо |
|---|---|---|
| 1 | Иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ, иштирокчиёни амалиётҳои ҷангӣ дар ҳудуди дигар давлатҳо | Шаҳодатномаи ҳуқуқ ба имтиёзҳо, ки аз ҷониби мақоми ҳифзи иҷтимоӣ дода шудааст |
| 2 | Қаҳрамонони Ҷумҳурии Тоҷикистон, Иттиҳоди Шӯравӣ, Меҳнати Сотсиалистӣ ва шахсоне, ки бо се дараҷаи Ордени Шараф мукофотонида шудаанд | Шаҳодатномаи Қаҳрамони Ҷумҳурии Тоҷикистон, Иттиҳоди Шӯравӣ, Меҳнати Сотсиалистӣ ва се дараҷаи Ордени Шараф |
| 3 | Ҷанговарони интернатсионалист, собиқадорони амалиёти ҷангӣ дар қаламрави дигар давлатҳо | Шаҳодатномаи ҷанговарони интернатсионалист, собиқадорони амалиёти ҷангӣ дар қаламрави дигар давлатҳо ва шаҳодатномаи нафақавӣ |
| 4 | Нафақахӯрон барои хизматҳои шоён ё махсус | Шаҳодатномаи нафақавӣ, ки аз ҷониби мақоми ҳифзи иҷтимоӣ дода шудааст |
| 5 | Шахсоне, ки бар асари фалокати нерӯгоҳи барқии атомии Чернобил зарар дида ва аъзои оилаи бесаробонмондаи онҳо | Шаҳодатномаи иштирокчӣ ё маъюбии барҳам додани садама дар Нерӯгоҳи барқи атомии Чернобил ва шаҳодатномаи нафақавӣ |

| | | |
|---|---|---|
| 6 | Маъюбоне, ки ҳангоми адои хизмати ҳарбӣ захмӣ шудаанд ё осеб бардоштаанд | Шаҳодатномаи маъюбии хизмати ҳарбӣ ва шаҳодатномаи нафақавӣ |
| 7 | Маъюбон аз даврони кӯдакӣ | Маълумотномаи дар бораи муайян намудани гурӯҳи маъюбӣ ва шаҳодатномаи нафақавӣ |
| 8 | Кӯдакони маъюби то синни 18 сола | Шаҳодатномаи нафақавии яке аз волидайн ва таваллуди кӯдак |
| 9 | Кӯдакони ятим, ки дар хонаҳои давлатии кӯдакон, хонаҳои кӯдаконаи оилавӣ (оилаҳои қабулнамуда), интернатҳо барои кӯдакони ятим қарор доранд ва кӯдаконе, ки аз парастории волидайн маҳрум мондаанд | Роҳхати хонаҳои давлатии кӯдакон, кӯдакони оилавӣ (оилаҳои қабулнамуда), интернатҳо барои кӯдакони ятим |
| 10 | Кӯдакони то 1 сола | Шаҳодатномаи таваллуд |
| 11 | Маъбони гурӯҳҳои I ва II дар натиҷаи осеббардории меҳнатӣ, бемориҳои касбӣ ё бемориҳои умумӣ | Маълумотнома дар бораи муайян намудани маъюбии гурӯҳҳои I ва II дар натиҷаи осеббардории меҳнатӣ, бемориҳои касбӣ ва ё бемориҳои умумӣ ва шаҳодатномаи нафақавӣ |
| 12 | Аъзои оилаҳои камбизоат ва шаҳрвандони яккаву танҳои камбизоат | Маълумотномаи комиссияи ноҳиявӣ (шаҳрӣ) ё мақомоти ҳифзи иҷтимоӣ |
| 13 | Шаҳрвандони бекор, ки расман дар мақомоти шуғли аҳолӣ ба қайд гирифта шудаанд | Маълумотномаи мақомоти шуғли аҳолӣ |
| 14 | Шаҳрвандони синни 80 сола ва аз он боло | Шаҳодатномаи нафақавӣ ва шиноснома |
| 15 | Бошандагони муассисаҳои иҷтимоии будубоши доимӣ | Маълумотномаи муассисаҳои иҷтимоӣ |
| 16 | Маъюбон - гурезаҳо ва паноҳҷӯяндагони хориҷӣ, ки ба таври расмӣ дар ҳудуди Тоҷикистон будубош менамоянд | Шаҳодатномаи гурезагӣ |

**Замимаи 3**
ба Қоидаҳои ҳампардохти хизматрасониҳои тиббию санитарӣ
ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои системаи
давлатии тандурустӣ, ки бо фармоиши якҷояи Вазири тандурустӣ
ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазири
молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 05 ноябри соли 2014, №№938,135
тасдиқ карда шудааст

Рамзи шакл бо ОКУД __________
Рамз муассиса бо ОКПО __________

| | |
|---|---|
| Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҳуҷҷати тиббӣ. Шакли № 028/у<br>Бо фармони Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.03.2006с. № 98 тасдиқ карда шудааст |
| Номи муассиса | |

Р О Ҳ Х А Т
ба машварат, амалиёти табобатӣ, санҷиши озмоишгоҳиву
ташхисӣ, табобати сатҳи бистарӣ

Ному насаб: ____________________________________________________________
________________________________________________________________________
Ташхис: ________________________________________________________________
________________________________________________________________________
Равон карда шуд (ба куҷо) _______________________________________________
барои __________________________________________________________________
________________________________________________________________________
________________________________________________________________________

Ҷ.М. Ному насаб ва имзои табиб _____________________________________

«_____» ________________ 20 _____с.

**Замимаи 4**
ба Қоидаҳои ҳампардохти хизматрасониҳои тиббию санитарӣ ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои системаи давлатии тандурустӣ, ки бо фармоиши якҷояи Вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05 ноябри соли 2014, №№938,135 тасдиқ карда шудааст

## Ҷадвали
нархи миёнаи бемории муолиҷашуда барои муайян намудани андозаи ҳампардохти аҳолӣ барои хизматрасониҳои тиббӣ дар муассисаҳои давлатии тандурустӣ дар сатҳи госпиталӣ (бистаринамоӣ)

| № т\т | Гурӯҳбандӣ аз рӯи самти беморӣ ва гурӯҳҳои махсус хароҷотшаванда | Нарх (сомонӣ) | |
|---|---|---|---|
| | | 100 % | 80 % |
| 1 | Ҷарроҳияи калонсолон (ҷарроҳиҳои ҳуфравӣ) | 760 | 608 |
| 2 | Ҷарроҳияи калонсолон (ҷарроҳиҳои ғайриҳуфравӣ ва дигар амалиётҳои ҷарроҳӣ) | 540 | 432 |
| 3 | Ҷарроҳияи кӯдакон (ҷарроҳиҳои ҳуфравӣ) | 700 | 560 |
| 4 | Ҷарроҳияи кӯдакон (ҷарроҳиҳои ғайриҳуфравӣ ва дигар амалиётҳои ҷарроҳӣ) | 420 | 336 |
| 5 | Бемориҳои дарунӣ | 500 | 400 |
| 6 | Бемориҳои кӯдакона | 440 | 352 |
| 7 | Акушерӣ бо истифодаи амалиёти ҷарроҳӣ | 500 | 400 |
| 8 | Гинекология | 450 | 360 |
| 9 | Кӯмаки таваллудкунӣ | 320 | 256 |
| Ҳамагӣ (бе гурӯҳҳои махсусан хароҷотнок) | | 514 | 411 |
| 10 | Гурӯҳҳои махсусан хароҷотнок | 1800 | 1440 |
| Ҳамагӣ (бо гурӯҳҳои махсусан хароҷотнок) | | 643 | 514 |

**Замимаи 5**
ба Қоидаҳои ҳампардохти хизматрасониҳои тиббию санитарӣ
ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои системаи
давлатии тандурустӣ, ки бо фармоиши якҷояи Вазири тандурустӣ
ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазири
молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 05 ноябри соли 2014, №№938,135
тасдиқ карда шудааст

## ДАФТАРИ
баҳисобгирии талонҳои ҳампардохти хизматрасониҳои тиббию санитарӣ ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои системаи давлатии тандурустӣ

| № т/т | Номгӯи шӯъбаҳо | Ному насаби шахси масъул | Рақами талонҳо | Имзои муроҷиин | Баргардондани талонҳои истифоданашуда ва вайроншуда |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |

**Замимаи 6**
ба Қоидаҳои ҳампардохти хизматрасониҳои тиббию санитарӣ ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои системаи давлатии тандурустӣ, ки бо фармоиши якҷояи Вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05 ноябри соли 2014, №№938,135 тасдиқ карда шудааст

| | |
|---|---|
| Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Бо фармоиши якҷояи Вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05 ноябри соли 2014, №№938,135 тасдиқ карда шудааст |
| Номи муассиса | |

# Талон
барои ҳампардохти хизматрасониҳои тиббию санитарӣ ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар статсионар, бо пардохт, бе пардохт

*(хат кашида шавад)*

| | | |
|---|---|---|
| Қисми буридашудаи талони ҳампардохт № ________<br>Варақаи дармонгоҳӣ № ________<br>Ном ва насаби бемор__________<br>______________________________<br>______________________________<br>Соли таваллуд_______________<br>Ҷои истиқомат_______________<br>______________________________<br>Ном ва насаби табиб__________<br>______________________________<br>______________________________<br>Шӯъба______________________<br>Маблағи ҳампардохт бо роҳхат (80%)_________________________<br>_______________________сомонӣ<br>Маблағи пардохт бе роҳхат (100%)________________________<br>_______________________сомонӣ<br>Сана «____»__________ 20___с.<br>Имзои шахси масъул___________ | Хати буриш | Талони ҳампардохт № _______<br>Варақаи дармонгоҳӣ № ______<br>Ном ва насаби бемор___________<br>______________________________<br>______________________________<br>Соли таваллуд________________<br>Ҷои истиқомат________________<br>______________________________<br>Ном ва насаби табиб__________<br>______________________________<br>______________________________<br>Шӯъба______________________<br>Маблағи ҳампардохт бо роҳхат (80%) ______________________<br>_______________________сомонӣ<br>Маблағи пардохт бе роҳхат (100%)_________________________<br>_______________________сомонӣ<br>Сана «____»__________ 20___с.<br>Имзои шахси масъул___________ |

**Замимаи 7**
ба Қоидаҳои ҳампардохти хизматрасониҳои тиббию санитарӣ ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои системаи давлатии тандурустӣ, ки бо фармоиши якҷояи Вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 05 ноябри соли 2014, №№938,135
тасдиқ карда шудааст

| | |
|---|---|
| Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Бо фармоиши якҷояи Вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз "05" ноябри соли 2014, №938-135 тасдиқ карда шудааст. |
| Номи муассиса | |

## Талон
барои ҳампардохти хизматрасониҳои тиббию санитарӣ ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои КАТС бо пардохт, бе пардохт
*(хат кашида шавад)*

| | | |
|---|---|---|
| Қисми буридашудаи талони ҳампардохт № ________<br>Варақаи дармонгоҳӣ № ______<br>Ном ва насаби бемор_________<br>______________________________<br>______________________________<br>Соли таваллуд________________<br>Ҷои истиқомат________________<br>______________________________<br>Ном ва насаби табиб___________<br>______________________________<br>______________________________<br>Шӯъба______________________<br>Маблағи ҳампардохт бо роҳхат (80%)_________________________<br>______________________сомонӣ<br>Маблағи пардохт бе роҳхат (100%)________________________<br>______________________сомонӣ<br>Сана «____»__________ 20___с.<br>Имзои шахси масъул___________ | Хатти бурииш | Талони ҳампардохт № _________<br>Варақаи дармонгоҳӣ № _________<br>Ном ва насаби бемор_____________<br>_________________________________<br>_________________________________<br>Соли таваллуд__________________<br>Ҷои истиқомат__________________<br>_________________________________<br>Ном ва насаби табиб_____________<br>_________________________________<br>_________________________________<br>Шӯъба_________________________<br>Маблағи ҳампардохт бо роҳхат (80%) _________________________<br>______________________сомонӣ<br>Маблағи пардохт бе роҳхат (100%)__________________________<br>______________________сомонӣ<br>Сана «____»__________ 20___с.<br>Имзои шахси масъул___________ |

**Замимаи 2**
ба фармоиши якҷояи Вазири тандурустӣ ва
ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва
Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 05 ноябри соли 2014, №№938,135

## Дастурамал
дар бораи маблағҳои махсуси муассисаҳои системаи
давлатии тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дастурамал дар бораи маблағҳои махсуси муассисаҳои системаи давлатии тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси банди 4 Тартиби хизматрасонии тиббию санитарӣ ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои системаи давлатии тандурустӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 декабри соли 2008 таҳти №600 тасдиқ шудааст ва сархати панҷуми, банди 2, боби 1-и Стратегияи маблағгузории соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2005-2015, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 майи соли 2005, №171 тасдиқ шудааст, таҳия гардида, ташаккул ва тартиби истифодаи маблағҳои махсуси муассисаҳои системаи давлатии тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян менамояд.

### 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Маблағҳое, ки муассисаҳои системаи давлатии тандурустӣ барои хизматрасониҳои дорои хусусияти ғайримуоличавӣ ва намудҳои алоҳидаи хизматрасонии тиббӣ мутобиқи хоҳиши шаҳрвандон ба даст оварда шудаанд, ба суратҳисоби махсуси муассисаҳои тиббии давлатӣ, ки дар мақомотҳои хазинадории Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон кушода шудааст, гузаронида мешаванд.

2. Маблағҳои махсус манбаъҳои иловагии маблағгузории ташкилотҳои тандурустӣ ба ҳисоб мераванд.

## 2. ТАШАККУЛИ МАБЛАҒҲОИ МАХСУС

3. Маблағҳои махсуси муассисаҳои системаи давлатии тандурустӣ аз ҳисоби хизматрасониҳое, ки мутобиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 декабри соли 2008 №600 «Дар бораи Тартиби хизматрасонии тиббию санитарӣ ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои системаи давлатии тандурустӣ» тасдиқ карда шудааст ва дигар сарчашмаҳо ташаккул меёбанд, аз ҷумла:

- додани шаҳодатномаи тиббии вазъи саломатии шаҳрвандон ҳангоми қабул ба кор, гирифтани шаҳодатномаи ронандагӣ;
- ба шаҳрвандони давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, ба истиснои шаҳрвандоне, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври доимӣ истиқомат мекунанд, инчунин мутобиқи шартномаҳо ва созишномаҳои байналмилалӣ барои истиқомат иҷозат доранд, хизматрасонии тиббӣ вобаста ба хароҷоти воқеӣ анҷом дода мешавад;
- ба шаҳрвандони хориҷӣ;
- хизматрасониҳои тиббӣ ва ғайритиббӣ;
- хизматрасонии косметологӣ;
- воситаҳои хоҷагиҳои ёрирасони кишоварзии муассисаҳои тиббӣ;
- хизматрасониҳои нақлиёти автомобилӣ аз ҷониби бригадаҳои кӯмаки таъҷилӣ;
- хизматрасонии чорабиниҳои фарҳангию оммавӣ;
- хизматрасонии тиббӣ вобаста ба даъвати шаҳрвандон ба хизмати ҳарбӣ.

4. Хизматрасониҳои музднок **тибқи шартнома ба расмият** даровarda мешаванд, ки дар он шарт ва мӯҳлати гирифтани ҳаққи хизматрасонӣ, тартиби ҳисоб, ҳуқуқ, ӯҳдадориҳо ва масъулияти тарафҳо танзим мегарданд (замима мегардад).

5. Ба шаҳрвандони хориҷӣ расонидани кӯмаки тиббию санитарӣ дар асоси пардохти пурра, мутобиқи Нархнома фароҳам оварда мешавад.

## 3. ТАРТИБИ ИСТИФОДАИ МАБЛАҒҲОИ МАХСУС, БАҲИСОБГИРӢ ВА ҲИСОБОТДИҲӢ

6. Хароҷоти маблағҳои махсус дар асоси хароҷотнома тибқи тартиби муқарраргардида амалӣ карда мешавад.

7. Маблағҳои ҳампардохт метавонанд барои харидани доруворӣ ва воситаҳои басту банд, таҷҳизоти тиббӣ, реактивҳо ва реагентҳо, маводҳои сарфшаванда барои тадқиқотҳои лабораторӣ ва ташхисӣ, инвентари нарм ва либоси махсус, қисмҳои эҳтиётӣ барои таҷҳизотҳои тиббӣ, воситаҳои бесирояткунанда ва шӯянда, хизматрасониҳои коммуналӣ, корҳои таъмири косметикӣ, пардохти хизматрасониҳои бонкӣ, ҳуҷҷатҳои баҳисобгирӣ ва ҳисоботдиҳии омории тиббӣ, пардохти музди меҳнат ва суғуртаи иҷтимоӣ (то 40 % аз ҳисоби маблағҳои ҳампардохт, пас аз бо пуррагӣ таъмин намудани ташхис ва табобати бемор) кормандони муассисаҳои тандурустӣ истифода шаванд.

8. Баҳисобгирии маблағҳои махсус ва ҳисоботдиҳӣ вобаста ба онҳо аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода мешавад.

**Замима**
ба Дастурамал дар бораи
маблағҳои махсуси муассисаҳои
системаи давлатии тандурустии
Ҷумҳурии Тоҷикистон

Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии
Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ШАРТНОМА №____

«___» ____________20___ сол ш. Душанбе

Муассисаи ____________________________________________ дар шахси ____________________________________________________, ки аз рӯи Оиннома, нархнома ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 декабри соли 2008, №600 «Дар бораи тартиби хизматрасонии тиббию санитарӣ ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои системаи давлатии тандурустӣ» амал менамояд, минбаъд «Муассиса» номида мешавад, аз як тараф ва шаҳрванд __________________________________________, ки минбаъд «Бемор» номида мешавад, аз тарафи дигар ҳамин шартномаро бо мақсади зерин ба имзо мерасонанд:

**1. Мақсади Шартнома:**

1.1. Муассиса ба бемор хизматрасониҳои тиббии муздноки зеринро пешниҳод ва иҷро мекунад:

| № т/т | Номгӯи хизматрасониҳо | Шумора (миқдор) | Арзиш (сомонӣ) | Маблағи умумӣ |
|---|---|---|---|---|
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |

**2. Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои Тарафҳо:**

2.2. Муассиса вазифадор аст:

- муассиса ӯҳдадор аст, ки хизматрасониҳои тиббии музднокро, ки дар бандҳои 1.1 нишон дода шудааст, иҷро намояд;
- ташхис ва табобати босифати «Бемор»-ро мувофиқи протоколҳои клиникии тасдиқнамудаи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин намояд;
- нархномаи дар мувофиқа бо мақомоти дахлдор тасдиқнамудаи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистонро мавриди истифода қарор диҳад;
- ба беморон, ба таври ройгон расонидани кӯмаки оҷилӣ ва таъҷилии статсионариро таъмин намояд;
- ба гурӯҳҳои аҳолӣ ва гурӯҳи бемороне, ки ба сифати шахсони дорои имтиёз эътироф шудаанд, тибқи Қоида хизматрасонии тиббиро таъмин намояд;
- нусхаи варақаи махсус ва ё чеки дастгоҳи хазинавии тасдиққунандаи қабули пули нақдро ба муроҷиаткунанда супорад:
- аз нархнома арзиши доруворӣ ва маводҳои мавриди истифодаи тиббӣ, ки бо роҳи ёрии башардӯстона ё буҷа дохил шудаанд, кам намояд;
- ҳангоми хориҷ шудани бемор, аз ҳуҷҷатҳои тиббӣ иқтибос пешниҳод намояд;
- ҳисоботи алоҳидаи муҳосибавӣ ва омории хизматрасонии тиббии музднокро ба роҳ монад.

**3. Бемор вазифадор аст:**

- арзиши хизматрасонии тиббии муздноk пешниҳодшавандаро пардозад;
- талаботеро, ки барои дар сатҳи муносиб пешниҳод намудани хизматрасонии тиббии муздноk ва гирифтани маълумоти зарурӣ мусоидат менамояд, таъмин намояд;
- қоидаҳои тартиботи дохила, ҳолати беҳдоштӣ ва техникаи бехатариро риоя намояд;
- ҷиҳози ҳуҷраро эҳтиёт намояд, зарари моддии расонидашударо ҷуброн намояд.

**4. Муассиса ҳуқуқ дорад:**

- ҳангоми риоя нашудани яке аз қисмҳои банди 2-и Шартномаи мазкур ва хулосаи расмии комиссияи доимоамалкунанда, беморро пеш аз мӯҳлат ҷавоб диҳад;
- намуд ва мӯҳлати табобат зарурияти гузаронидани санҷишоти иловагиро муайян намояд.

**5. Бемор ҳуқуқ дорад:**

- маълумотҳоро оид ба нархҳо ва ҳисоботи арзиши хизмати расонидашударо талаб намояд;
- барои иҷро накардан ва ё иҷрои номатлуби шартҳои Шартнома, ки сабаби зиён расонидан ба саломатии он гардидааст, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷуброни маънавию моддӣ талаб намояд;
- ҳангоми дар мӯҳлати муайяншуда иҷро накардани ӯҳдадориҳои «Муассиса», мӯҳлати нави хизматрасониро таъин намояд, кам намудани арзиши хизматрасонии пешниҳодшударо талаб намояд, иҷрои хизматрасониро аз тарафи дигар мутахассис талаб намояд.

**6. Тартиби баррасӣ намудани баҳсҳо:**

- даъво ва баҳс байни «Муассиса» ва «Бемор» бо мувофиқаи тарафайн, аз ҷониби комиссияи назорати тиббӣ, ё аз тариқи суд, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳал карда мешаванд;
- «Муассиса» барои иҷро накардан ва ё иҷрои номуносиби хизматрасонии тиббии музднок, бо далели иҷрои он ба «Муассиса» вобаста набудан ва дигар асосҳо, аз ҷавобгарӣ озод карда мешавад.

**7. Пеш аз мӯҳлат қатъ намудани шартнома:**

- ҳангоми аз тарафи «Бемор» иҷро накардани ӯҳдадориҳои Шартномаи мазкур, Муассиса ҳуқуқ дорад, ки ба тарзи яктарафа бидуни баргардонидани маблағи Шартнома онро қатъ гардонад;
- шартнома аз рӯи дигар асосҳои дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинигардида қать карда мешавад.

**8. Шартҳои иловагӣ:**

- ҳамаи таъғирот ва иловаҳо ба шартномаи мазкур бояд дар шакли хаттӣ ва бо имзои шахсони намоянда ворид карда шаванд.

## 9. Суроғаи ҳуқуқӣ ва имзои тарафҳо:

| «МУАССИСА» | «БЕМОР» |
|---|---|
| ______________________ | ______________________ |
| ______________________ | ______________________ |
| ______________________ | ______________________ |

Номгӯи
хизматрасониҳои тиббии махсусан харочотнок, ки амалиётҳо
бо истифода аз технологияи баланди ташхисию табобатӣ
гузаронида мешаванд

| № т/т | Рамзи ТББ | Номгӯи хизматрасониҳо | Арзиши хизмат-расонӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|
| | | **Ҷарроҳии дил** | |
| 1 | Q A21.0 | Нуқси тавораи байни батнӣ (тармими нуқс) | 17291 |
| 2 | I06.1 | Норасоии дарғоти шоҳраг (пратезгузори дарғоти шоҳраг) | 21839 |
| 3 | Q 21.1 | Дренажи ҷузъии нуқсдори варидҳои шуш (тармими НБП бо ҷойивазнамоии варидҳои шуш) | 18268 |
| 4 | Q 21.1 | Нуқси байнитавораи пешдил (дӯхтан ё тармиминуқс) | 16870 |
| 5 | I08.3 | Нуқси ҳамзамони дархотҳои ду ва се қабата (протезгузории дарғоти дуқабата ва анунопластики дарғоти сетабақа) | 20994 |
| 6 | I08.0 | Нуқси ҳамзамони дарғотҳои дутабақа ва шоҳраг (протезгузории дударғотӣ) | 29792 |
| 7 | Q 21.3 | НМД сегонаи Фалло | 16967 |
| 8 | Q 22.1 | НМД тангшавии шараёни шуш (валвулопластики кушодаи шараёни шуш) | 15045 |
| 9 | | Аневризмисинуси Валсалва | 15930 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 10 | I 20:I 25 | Иттисоли шоҳрагу иқлил | 14547 |
| 11 | | Миксомаи дил | 15495 |
| 12 | Q. 21.3 | Тасҳеҳи радикалии чоргонаи Фалло | 26065 |
| | | **Шикастани устухонҳои буҷулак** | |
| 13 | M 16 | Коксартрозҳо, Эндопротезкунии буғуми косу рон | 14372 |
| 14 | M 16 | Коксартрозҳо, эндопротезкунонии буғуми косу рон (табобати ҷарроҳӣ тахти беҳискунии ҳароммағзӣ) | 14102 |
| 15 | M 17 | Гонартроз (артрози буғуми зону), эндопротезкунонии буғуми зону (таҳти беҳискунии умумӣ) | 15119 |
| 16 | M 17 | Гонартроз (артрози буғуми зону), эндопротезкунонии буғуми зону (таҳти беҳискунии ҳароммағзӣ) | 14850 |
| | | **Ангиопластики баллонии шараёнҳои коронарӣ** | |
| 17 | I 20 | Стенокардӣ | 13759 |
| 18 | I 21 | Сактаи шадиди миокард | 13759 |
| 19 | I 22 | Сактаи такрории миокард | 13759 |
| 20 | I 23 | Баъзе аз оризаҳои ҷории сактаиша диди миокард | 13759 |
| 21 | I 24 | Дигар шаклҳои бемориша диди ишемии дил | 13759 |
| 22 | I 25 | Бемории музмини ишемии дил | 13759 |
| | | **Трансплантологӣ** | |
| 23 | | Ҷарроҳии пайвандсозии гурда | 47882 |
| 24 | | Ҷарроҳии пайвандсозии гурда (шаҳрвандони хориҷӣ) | 58410 |
| 25 | | Ҷарроҳии пайвандсозии қисми ҷигар | 118471 |
| 26 | | Ҷарроҳии пайвандсозии қисми ҷигар (шаҳрвандони хориҷӣ) | 129202 |

Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 3 декабри соли 2011 № 603 тасдиқ шудааст

**Қоидаҳои**
**таъмин намудани маъюбон ба табобати санаторию курортӣ**
(қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2.07.2015 № 448)

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1) Қоидаҳои таъмин намудани маъюбон ба табобати санаторию курортӣ (минбаъд - Қоидаҳо) дар асоси моддаи 16 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон" таҳия гардида, тартиби ба табобати санаторию курортӣ таъмин намудани маъюбонро муайян менамояд.

2) Таъмин намудани маъюбон ба табобати санаторию курортӣ аз ҷониби Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар осоишгоҳу истироҳатгоҳҳои ӣумҳуриявҳ ва Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоии аҳолии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар осоишгоҳу истироҳатгоҳҳои системаи Агентӣ (минбаъд - мақомоти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ) дар асоси барномаи инфиродии тавонбахшҳ ва хулосаи мақомоти ваколатдори соҳаи тандурустӣ, ки барои маъюб муайян карда шудааст, амалӣ карда мешавад.

3) Эҳтиёҷоти кӯдакони маъюб ба табобати санаторию курортӣ аз ҷониби муассисаҳои тиббӣ тибқи тартибе, ки аз ҷониби Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст, муайян ва таъмин карда мешавад.

4) Роҳхатҳо барои табобати санаторию курортӣ (минбаъд - роҳхатҳо) аз ҷониби мақомоти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ тибқи ҳамин Қоидаҳо дастрас карда мешаванд.

5) Барасмиятдарорӣ ва баҳисобгирии роҳхатҳо аз ҷониби мақомоти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ анҷом дода мешавад.

6) Аз ҷониби мақомоти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ мувофиқи шакли ба Қоидаҳои мазкур замимагардида дафтари бақайдгирии аризаҳо ва додани роҳхатҳо ташкил карда мешаванд (замимаи 2). Дафтар рақамгузорӣ ва дӯхта шуда, бо мӯҳри мақомоти Агентӣ тасдиқ мегардад.

7) Таъмин намудани маъюбон ба табобати санаторию курортӣ ба тариқи зайл амалӣ мегардад:

- маъюбони Ҷанги Бузурги Ватанӣ ҳар сол 1 маротиба ба таври ройгон;

- маъюбони гурӯҳи I (бо истиснои маъюбони гурӯҳи 1 нобино) ва маъюбони амалиёти ҷангӣ дар қаламрави дигар давлатҳо дар 2 сол як маротиба;

- маъюбони гурӯхи I нобино, маъюбони гурӯҳи II, маъюбон аз овони кӯдакӣ дар 3 сол як маротиба ба таври ройгон ва ё дар 2 сол як маротиба бо пардохти 50% арзиши роҳхат;

- маъюбони гуруҳи III, ки кор намекунанд ва дар қайди мақомоти шуғли аҳолӣ, дар 2 сол як маротиба бо пардохти 50 фоизи арзиши роҳхат.

- кӯдакони маъюби то синни 18-сола, тибқи тартиби барои Маркази саломатии ҷои истиқомати кӯдак муайян кардааст.

8) Ба маъюбоне, ки кор мекунанд, дар ду соли тақвимҳ як маротиба роҳхат аз ҷои корашон ройгон ё бо пардохти 50 фоизи арзиши он аз ҳисоби маблағҳои суғуртаи иҷтимоӣ, ки барои солимгардони кормандон равона шудааст, дода мешавад.

9) Ба маъюбоне, ки дар истеҳсолот ҷароҳат бардошта, маъюб гаштаанд аз ҷониби ташкилотҳое, ки дар онҳо зарари ҷисмонию рӯҳӣ гирифтаанд, дар ду сол як маротиба роҳхати ройгон дода шуда, арзиши роҳкиро ба ҷои табобат пардохт карда мешавад, дар асоси банди 3 моддаи 29 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон".

## 2. ТАРТИБИ ПЕШНИҲОД НАМУДАНИ АРИЗАҲО

10) Маъюбон ва ё бо хоҳиши онҳо дигар шахсон, инчунин намояндагони қонунии кӯдакони маъюб ба мақомоти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ мувофиқи шакли ба Қоидаҳои мазкур замимагардида ариза пешниҳод менамоянд (замимаи 1).

11) Ба ариза ҳуҷҷатҳои зерин замима карда мешаванд:

- нусхаи ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсияти аризадиҳанда;
- барои кӯдакони маъюб - нусхаи шаҳодатнома дар бораи таваллуди кӯдак ва нусхаи ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсияти намояндаи қонунии ӯ;
- нусхаи варақаи санаторию курортӣ, ки аз ҷониби Маркази саломатии ҷои истиқомати маъюб дода мешавад;
- нусхаи маълумотномаи силсиладор дар бораи маъюбӣ ва нусхаи барномаи инфиродии тавонбахшии маъюбон.

12) Ҳуҷҷатҳои аслии, дар банди 11 зикршуда бо нусхаҳояшон барои муқоиса ба мақомоти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ пешниҳод карда мешаванд. Баъди муқоиса намудан, ҳуҷҷатҳои аслҳ ба аризадиҳанда баргардонда мешаванд.

## 3. ТАРТИБИ ҚАБУЛИ ҲУҶҶАТҲО ВА ДОДАНИ РОҲХАТҲО

13) Нусхаи ҳуҷҷатҳои дар банди 11 нишондодашудаи ҳар як аризадиҳанда дар ҷузвдон нигоҳ дошта мешавад.

14) Ҳамасола (маъмулан дар семоҳаи чоруми соли ҳисоботӣ) шӯъбаҳо ва бахшҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар асоси аризаҳои воридшуда ва навбати ҷории эҳтиёҷмандон оид ба талаботи воқеии маъюбонро барои табобати санаторию курортӣ дархост тартиб дода, ба Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дастрасии роҳхатҳо ба осоишгоҳҳою истироҳатгоҳҳои ҷумҳуриявӣ, инчунин ба Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоии аҳолии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба осоишгоҳу истироҳатгоҳҳои системаи Агентӣ пешниҳод менамоянд.

15) Шӯъбаҳо ва бахшҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҳамасола маълумот ё феҳристи таъминшудагонро бо роҳхатҳои санаторию курортӣ тартиб дода, рӯйхати таъминшудагонро бо рӯйхати гирандагони ҷубронпулӣ барои истифода накардани роҳхатҳои табобати санаторию курортӣ муқоиса менамоянд.

16) Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дастрасии роҳхатҳо ба осоишгоҳҳою истироҳатгоҳҳои ҷумҳуриявӣ ва Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоии аҳолии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба осоишгоҳу истироҳатгоҳҳои системаи Агентӣ мувофиқи рӯйхатҳои пешниҳодшуда маҳзани ягонаи имтиёздорони табобати санаторию курортиро тартиб дода, роҳхатҳоро барои истифодабарӣ ба мақомоти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ тақсим менамоянд.

17) Роҳхатҳо аз ҷониби мақомоти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ шахсан ба маъюбоне, ки хуқуқи гирифтани роҳхатро доранд ва ё бо розигии хаттии онҳо ба шахси боэътимоде, ки маъюб дар аризааш нишон додааст, супорида мешаванд. Роҳхатҳо барои кӯдакони маъюб ба намояндагони қонунии онҳо дода мешаванд.

18) Дар сурати рад кардани дархости аризадиҳанда барои ҷудо намудани роҳхат, мақомоти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ вазифадор аст дар мӯҳлати 15 рӯз ба аризадиҳанда бо нишон додани сабаби рад кардан ҷавоби хаттӣ диҳад.

19) Агар аз ҷониби аризадиҳанда бо сабабҳои узрнок (беморӣ, фавт ва дигар сабабҳое, ки аз ҷониби мақомоти Агентӣ узрнок ҳисобида мешаванд) роҳхат истифода нагардад, он ба мақомоти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ баргардонда шуда, ба шахси дигар аз рӯи навбат дода мешавад. Роҳхати баргардонидашуда дар дафтари бақайдгирии аризаҳо ва додани роҳхатҳо сабт карда мешавад.

20) Дар ҳолати аз ҷониби аризадиҳанда бо сабабҳои узрнок ғайриимкон гаштани истифодаи роҳхат ва ба мақомоти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ маълум намудани сабабҳо, он ба роҳхати давраи дигар (аз рӯи ҷадвали сафар, вале на дертар то 3 рӯзи сафар) иваз карда мешавад.

21) Ба маъюбони Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва шахсони маъюби ба онҳо баробаркардашуда ба осоишгоҳҳои ҷумҳурявии Федератсияи касабаи иттифоқҳои мустақили Тоҷикистон ва ба дигар гурӯҳи маъюбон роҳхатҳо ба осоишгоҳҳои табобатии тобеи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешаванд.

## 4. ТАРТИБИ МАБЛАҒГУЗОРИИ ХАРОҶОТИ ТАЪМИНОТИ ТАБОБАТИ САНАТОРИЮ КУРОРТӢ ВА РАФТУОМАДИ РОЙГОН БА ҶОИ ТАБОБАТ

22) Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси маълумот оид ба Эҳтиёҷоти маъюбон ба табобати саноторию курортӣ ҳар сол талаботи маблағгузориро муайян намуда, дар буҷети солона онро пешбинӣ менамояд.

23) Тартиби ҷуброни хароҷоти рафтуомади маъюбон ба маҳалли табобати санаторию курортӣ аз ҷониби вазоратҳои наклиёт, молия, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

**Замимаи 1**
ба Қоидаҳои таъмин намудани
маъюбон ба табобати санаторию курортӣ

**Ариза**
**барои дастрас намудани роҳхат ба**
**табобати санаторию курортӣ**

Ному насаб ------------------------------------------------
Соли таваллуд --------------------------------------------
Маъюбӣ ---------------------------------------------------
Суроға ---------------------------------------------------
№ телефон -----------------------------------------------

Хоҳишмандам барои ман як роҳхат ба осоишгоҳи/истироҳатгоҳи барои табобати санаторию курортӣ ҷудо намоед.

Нусхаи ҳуҷҷатҳои зерин пешниҳод карда мешавад:

___________________________________________________________

___________________________________________________________

___________________________________________________________

«___» _________ соли 20___

___________________________

(имзои аризадиҳанда ва ё шахсе, ки аризаро пешниҳод кардааст)

Дурустии нусхаи ҳуҷҷатҳои аз ҷониби аризадиҳанда пешниҳодшударо тасдиқ менамоям:

______________________________________________

(насаб, ном, вазифаи шахси аризаро қабулкарда)

«___» ___________ соли 20___ (имзо)

**Замимаи 2**
ба Қоидаҳои таъмин намудани
маъюбон ба табобати санаторию курортӣ

## Дафтари бақайдгирии аризаҳо ва додани роҳхатҳо ба табобати санаторию курортӣ

| № т/т | Насаб, ном ва номи падар | Сабаби маъюбӣ | Суроға ва № телефон | Санаи қабули ариза | Осоишгоҳ/истироҳатгоҳе ки аз ҷониби табибӣ | Номи осоишгоҳе ки ба онҷо роҳхат дода шуд | Мӯҳлат ва таърихи додани роҳхат | Имзои шахсе ки роҳхатро гирифтааст | Сабабҳо ва таърихи рад кардани роҳхат |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 |
| | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | |

Эзоҳ: Дафтари бақайдгирии аризаҳо ва додани роҳхатҳо ба табобати санаторию курортӣ бо тариқи ҳатмӣ давом додани он ҳангоми воридшавии аризаҳо пур карда мешавад.

**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**ҚАРОР**

аз 2 октябри соли 2012, № 543 ш. Душанбе

Дар бораи Номгӯи нишондодҳои тиббие, ки ба кӯдакони маъюби то 18- сола ҳуқуқи гирифтани нафақаи иҷтимоӣ медиҳанд

Мутобиқи моддаи 30 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ" ва моддаи 51 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ" Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Номгӯи нишондодҳои тиббие, ки ба кӯдакони маъюби то 18-сола ҳуқуқи гирифтани нафақаи иҷтимоӣ медиҳанд, тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Қарори Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 апрели соли 1994, № 155 "Дар бораи тасдиқ намудани рӯйхати нишондиҳандаҳои тиббие, ки ба гирифтани нафақаи иҷтимоӣ барои фарзандони аз кӯдакӣ маъюби то 18-сола ҳуқуқ медиҳанд" беэътибор дониста шавад.

3. Қарори мазкур аз 1 январи соли 2013 мавриди амал қарор дода шавад.

Раиси Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

Бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 2 октябри соли 2012,
№ 543 тасдиқ шудааст

**Номгӯи**
**нишондодҳои тиббие, ки ба кӯдакони маъюби то 18-сола**
**ҳуқуқи гирифтани нафақаи иҷтимоӣ медиҳанд**

| **1. Номгӯи нишондодҳои тиббие, ки барои гирифтани нафақаи иҷтимоӣ дар мӯҳлати ду сол ҳуқуқ медиҳанд** | | |
|---|---|---|
| **№ р/т** | **Номгӯи бемориҳо ва ҳолатҳои патологӣ** | **Хислатҳою аломатҳои клиникӣ ва ҳолатҳои функсионалӣ** |
| **1. Бемориҳои рӯҳӣ** | | |
| 1.1. | Саръ | Ҳамлаҳои пайдарпаи доимии терапевтҷ (3 ва зиёда ҳамлаҳои дарозмӯҳлати рӯзона дар давоми моҳ ё 2-3 маротиба дар як ҳафта ҳамлаҳои кам-кам ва ғайри рагкашӣ).<br>Ҳолатҳои бемории рӯҳимонанди дарозмуддати 6-моҳа ва зиёда аз он, камақлии саръӣ. |
| 1.2. | Шизофрения ва дигар бемориҳои рӯҳии эндогенӣ дар кӯдакони синни аз 14-сола боло | Ҳолатҳои бемории рӯҳии дарозмуддати 6 - моҳа ва зиёда аз он. Камақлии возеҳи устувор. |
| 1.3. | Сустақлӣ (Олигофрения) | Сустақлӣ дар дараҷаи мӯътадил, вазнин ё аз ҳад вазнин.<br>Сустақлӣ дар дараҷаи мӯътадил, вазнин бо якҷояги норасоии возеҳи сомеа, босира, нутқ, банду устухонҳо ва дигар узвҳо, ки боиси номутобиқии иҷтимоии кӯдак мегардад. |
| 1.4. | Бемориҳои органикии мағзи сар | Камақлӣ дар натиҷаи бемориҳои органикии мағзи сар (менингит, энсефалит, омоси мағзи сар ва ғайраҳо). |

| | | |
|---|---|---|
| **2. Бемориҳои асаб** | | |
